# ХАРИТАИ МИЛЛИИ РОҲ ВА НАҚШАИ АМАЛИСОЗИИ МУҚОВИМАТ БА ДОРУҲОИ ЗИДДИМИКРОБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## барои солҳои 2026–2030






СОЛИМИИ ИНСОН | СОЛИМИИ ҲАЙВОНОТ | СОЛИМИИ МУҲИТ

РАВИШИ СОЛИМИИ ЯГОНА

# ХАРИТАИ МИЛЛИИ РОҲ ВА НАҚШАИ АМАЛИСОЗИИ МУҚОВИМАТ БА ДОРУҲОИ ЗИДДИМИКРОБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2026–2030

# Пешгуфтор

Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030 мутобиқи заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Заминаи аввалияи қонунии он аз Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 18 майи 2017 сол, №374 қабул шудааст, асос мегирад. Хусусан, боби 17 моддаи 110 параграфи 2 таҳия ва татбиқи барномаҳои миллӣ, давлатӣ ва минтақавиро, ки ба таъмини амнияти санитарӣ-эпидемиологӣ, тақвияти солимии аҳолӣ, пешгирии бемориҳо ва такмили шароити зист ва кори он равона шудаанд, тақозо менамояд. Дастурамали мазкур заминаи ҳуқуқиро барои таҳия ва татбиқи стратегия ва барномаҳои миллӣ, аз он ҷумла Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030, фароҳам меорад.

Илова бар он, таҳияи Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030 аз қонунгузории соҳавии дигари иловагӣ асос мегирад, ки равиши "Солимии ягонаро" тақвият мебахшад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи байторӣ" (аз 29 декабри 2010 с., №674) принсипҳои ҳифзи байторӣ, пешгирӣ ва назорати бемориҳо, танзими воситаҳои тиббии байторӣ ва чораҳои амнияти биологиро муайян намуда, унсурҳои асосии ҳалли масъалаи муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ дар соҳаи солимии ҳайвонот мебошанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" (аз 2 августи 2011 с., № 760) заминаи ҳуқуқиро барои мониторинги экологӣ, идоракунии бехатари партов ва моддаҳои кимиёвӣ, ва пешгирии ифлоскунии муҳити зист пешниҳод менамояд. Муқаррароти мазкур ба дастгирии мустақими кӯшишҳои миллӣ дар самти коҳиши ченакҳои экологии муқовимати зиддимикробӣ, аз ҷумла назорати пасмондаҳои воситаҳои зиддимикробӣ ва назорати микроорганизмҳои устувор дар муҳити зист, фароҳам меоранд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии озуқа" (аз 1 августи 2012 с., № 890) заминаи ҳуқуқиро барои таъмини бехатарии маҳсулоти озуқа дар саросари занҷираи истеҳсолиро таъмин менамояд. Он дарбаргирандаи стандартҳо ва тадбирҳои назоратӣ буда, истифодаи воситаҳои табобатии байториро дар ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ, мониторинг ва пешгирии боқимондаҳои маводҳои зиддимикробӣ дар маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин назорати мақоми ваколатдори иҷроияро ба танзим медароранд, ки ин яке аз роҳҳои асосии гузариши устуворӣ ба маводҳои зиддимикробӣ ба инсонро фаро мегирад.

Мувофиқи санадҳои қонунгузории зикршуда, Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030 инчунин ваколатҳои вогузоршуда ва санадҳои меъёрии мақомотҳои давлатиро, ки дар татбиқи равиши «Солимии Ягона» нақши калидӣ мебозанд, инъикос менамояд, аз ҷумла:

- **Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон** масъул барои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи кишварзӣ, аз он ҷумла сиёсати чорводорӣ;

- **Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон** масъул барои ташаккул ва татбиқи сиёсати миллии тандурустӣ, ҳамоҳангсозии барномаҳои тандурустии ҷамъиятӣ, танзими истифодаи дорувории зиддимикробӣ дар соҳаи тандурустӣ (солимии инсон), назорати пешгирӣ ва назорати сироятҳо ва пешбарии назорати эпидемиологӣ дар соҳаи тандурустӣ;
- **Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** масъул барои мониторинги экологӣ, идоракунии партовҳо ва коҳиши хавфҳои экологии бо муқовимати зиддимикробӣ алоқаманд;
- **Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** мақоми ваколатдори иҷроия дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ ва назорати байторӣ, аз ҷумла назорати байторию санитарӣ, бақайдгирӣ ва назорати доруҳои байторӣ, назорати байторӣ дар сарҳад, инчунин пешгирии боқимондаҳои доруҳои зиддимикробӣ дар маҳсулоти хӯрокворӣ ва таъмини ҳамоҳангсозии соҳавии хадамоти байторӣ дар сатҳи сиёсӣ.

Дар маҷмӯъ, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии зикршуда заминаи ҳамаҷонибаи миллиро барои таҳия, татбиқ ва мониторинги чорабиниҳое, ки ба муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи равиши «Солимии ягона» нигаронида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030 аз ҷониби коршиносони миллии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикитон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти роҳнамоии техникии д-р Ораш Алоӣ, Директори Маркази тандурустии глобалии Донишгоҳи иёлотии Калифорния – Лонг Бич, ва Гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ оид ба мубориза бо муқовимати доруҳои зиддимикробӣ, таҳия шудааст.

Гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ миннатдории самимии худро ба Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки осиёи рушд ва Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ барои баррасӣ ва пешниҳоди фикру мулоҳизаҳои техникии арзишманд изҳор менамояд. Ҳамчунин миннатдорӣ барои роҳбарӣ дар таҳияи қисмати баҳисобгирии арзиши татбиқи ин ҳуҷҷат ба Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ низ баён мегардад.

## Изҳороти вазорат

### Изҳороти Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббии бехатар, самаранок ва босифат яке аз афзалиятҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бе восита таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвияти низоми тандурустӣ, ҳифзи некӯаҳволии аҳолӣ ва ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати миллиро бо ӯҳдадориҳои глобалӣ дар соҳаи тандурустии ҷамъиятӣ ва рушди он идома медиҳад.

Муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ ба ин дастовардҳо таъсири ҷиддӣ мерасонад. Он қобилияти моро барои муолиҷаи сироятҳо коҳиш дода, бори изофӣ ба муассисаҳои тандурустӣ меафзояд, барои амнияти озуқаворӣ ва саломатии ҳайвонот хатар эҷод мекунад ва ба устувории муҳити зист таъсир мерасонад. Мубориза бо муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ татбиқи чораҳои ҳамоҳангшуда, бар асоси далелҳо ва бисёрсоҳавиро дар соҳаҳои тандурустии инсон, тандурустии ҳайвонот, кишоварзӣ, амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи муҳити зист тақозо менамояд

Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030 қадами муҳим дар пешбурди талошҳои миллӣ ҷиҳати таъмини истифодаи оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ, таҳкими пешгирӣ ва назорати сироятҳо, такмили низоми назорат ва иқтидорҳои озмоишгоҳӣ, инчунин ташаккули амалияҳои масъулонаи истифодаи доруҳои зиддимикробӣ дар тамоми бахшҳо мебошад. Харитаи роҳ, ки дар асоси чаҳорчӯбаи қонунгузорӣ ва заминаи меъёрии устувор таҳия шудааст, равиши «Солимии ягона»-ро инъикос намуда, ӯҳдадории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти ҳифзи саломатии наслҳои имрӯза ва оянда бори дигар тасдиқ менамояд.

Ман миннатдории самимии худро ба ҳамаи муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба Гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ оид ба мубориза бо муқовимати доруҳои зиддимикробӣ ва мутахассисони, ки дар таҳияи ин ҳуҷҷат саҳм гузоштанд, баён менамоям. Ҳамчунин ба Шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки осиёи рушд ва Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ барои дастгирии техникии арзишманд ва ҳамкории бардавом изҳори сипос менамоям.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (АМР) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030 комилан содиқ мебошад. Ман ҳамаи бахшҳо, шарикон, мутахассисони соҳаи тандурустӣ, байторӣ, коршиносони соҳаи муҳити зист, муассисаҳои илмӣ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандиро даъват менамоям, ки барои таҳкими устувории кишвар бар зидди муқовимати зиддимикробӣ, якҷо амал намоянд.

**Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**д.и.т. Профессор Абдуллозода Ҷ.А.**

## ВАРАҚИ ТАСДИҚ

Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030 аз ҷониби мақомотҳои зерини давлатӣ ва ташкилотҳои шарик баррасӣ ва ҷонибдорӣ шудааст. Ҷонибдории онҳо инъикоси тасмими дастҷамъонаи равиши "Солимии ягона" ва амали ҳамоҳанги, бисёрсоҳавӣ дар самти мубориза бо муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

**Аз ҷониби иақомотҳои зерин тасдиқ шудааст:**

- Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи амнияти озуқаворӣии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**БАРРАСӢ ВА КӮМАКИ ТЕХНИКӢ:**

- Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ)
- Бонки умумиҷаҳонӣ
- Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ (ФАО)

Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030 ҳамчун ҳуҷҷати расмии роҳнамо барои чорабиниҳои миллӣ оид ба пешгирӣ ва назорат ба муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ дар давраи солҳои 2026–2030 равона шудааст.

**Шаҳдати расмӣ ва имзо**

Мо, имзокунандагон, Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030-ро тасдиқ намуда, ӯҳдадории худро ба татбиқи он тибқи қонунгузории миллӣ ва равиши «Солимии ягона» тасдиқ менамоем.

**Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Вазир: Абдуллозода Ҷ. А.**

**Имзо:** ______________________

**Таърихи рӯз:** ______________________

**Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Вазир: Ҳакимзода Қ.**

**Имзо:** ______________________

**Таърихи рӯз:** ______________________

**Кумитаи бехатарии озуқаворӣии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Раис: Файзуллозода М.**

**Имзо:** ______________________

**Таърихи рӯз:** ______________________

**Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Раис: Шерализода Б.**

**Имзо:** ______________________

**Таърихи рӯз:** ______________________

МУНДАРИҶҶА

1. МУҚАДДИМА……………………………………………………………………………….10
2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ……………………………………………………………………12
2.1 Контексти глобалӣ ва минтақавӣ
2.2 Идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии миллӣ
2.3 Назорати эпидемиологӣ ва иқтидори озмоишгоҳӣ
2.4 Дастурамалҳои клиникӣ барномаҳои идоракунии оқилонаи
доруҳои зиддимикробӣ
2.5 Пешгирии сироят, назорати сироят ва огаҳӣ оиди сироятҳо
Арзёбии муштараки беруна (АМБ) – тавсияҳо
Мушкилот ва тавсияҳои асосӣ
3. ДУРНАМОҲО БАРОИ СОЛҲОИ 2026-2030………………………………………………..20
Назария, ҳадаф ва чаҳорчубаҳои роҳнамо
Идоракунӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар доираи равиши «Солимии Ягона»
Мушкилотҳои асосӣ ва қадамҳои минбаъда
4. САМТҲОИ СТРАТЕГӢ, ҲАДАФҲО, ЧОРАБИНИҲОИ АФЗАЛИЯТНОК ВА
НАТИҶАҲО (СОЛҲОИ 2026-2030)……………………………………………………………….22
Самти стратегии I – Назорати эпидемиологӣ ва озмоишгоҳи
(дар соҳаи тандурустии инсон, байторӣ, бехатарии озуқа ва муҳити зист)
Самти стратегии II – Пешгири ва назорати сироят (ПНС), ОСБ ва ваксинатсия
Самти стратегии III – Дастраси ва барномаҳои идоракунии оқилонаи доруҳои
зиддимикробӣ (ИОДЗМ)
Самти стратегии IV – Қонунгузорӣ, танзим ва харид
Самти стратегии V – Огоҳи, таълим ва тағироти рафтор
Самти стратегии VI – Маблағгузорӣ, тадқиқот ва навоварӣ
5. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИ (МА)...........................................................................................44
5.1 Системаи чаҳорчубаи мониторинг, идоракуни ва арзёби
5.2 Давраҳои ҳисоботдиҳи ва баррасӣ
(семоҳа, солона, миёнамуҳлат ва аз руи натиҷаҳо)
5.3 Нишондиҳандаҳои асосӣ, заминавӣ ва сарчашмаҳои иттилоот
5.4 Истифодаи натиҷаҳои мониторинг ва арзёби барои омӯзиш ва идоракунии
мутобиқшуда
6. ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО ВА ЧОРАҲОИ КОҲИШИ ОНҲО.................................................55
7 МУТОБИҚАТ ВА ҲАМКОРИҲО............................................................................................59
8. УСТУВОРӢ................................................................................................................................60

## ТАФСИРИ ИСТИЛОҲҲО

| | |
|---|---|
| **ANIMUSE** | Низоми СУСҲ оид ба истифодаи маводҳои зиддимикробӣ дар соҳаи байторӣ |
| **AWaRe** | Таснифоти антибиотикҳо тибқи рӯйхати СУТ "Дастрасӣ, Назорат ва Захиравӣ" |
| **CAESAR** | Барномаи назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ дар Осиёи Марказӣ ва Аврупои Шарқӣ |
| **CLABSI** | Сирояти роҳҳои хунгарди бо найчаи марказӣ алоқаманд |
| **DDD** | Низоми таснифотии вояи рӯзонаи муқарраршуда |
| **EUCAST** | Кумитаи аврупоии таҳлили ҳассосияти зиддимикробӣ |
| **GLASS** | Низоми глобалии назорати эпидемиологии муқовимат ва истифодаи маводҳои зиддимикробӣ |
| **GLASS-AMR/AMU** | Модули GLASS оиди муқовимат / истеъмоли зиддимикробӣ |
| **HACCP** | Низоми таҳлили хатарҳо ва нуқтаҳои калидии назоратӣ |
| **MDRO** | Организмҳои дорои муқовимат ба дорувории бисёр |
| **TrACSS** | Тадқиқоти худбаҳодиҳии пайгирии МЗМ дар кишвар |
| **WHONET** | Низоми идоракунии иттилооти озмоишгоҳии СУТ оид ба назорати МЗМ |
| **АМБ** | Арзёбии муштараки беруна |
| **ВК ҶТ** | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ВМИ ҶТ** | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ВТҲИА ҶТ** | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ГКБМ** | Гурӯҳи кории байниидоравии миллии МЗМ |
| **ГКТ** | Гурӯҳи кории техникӣ |
| **ДРА** | Дониш, рафтор ва амалия |
| **ИДЗМ** | Истеъмоли доруворӣи зиддимикробӣ |
| **ИМЗМ** | Истифодаи маводҳои зиддимикробӣ |
| **ИОДЗМ** | Идоракунии оқилонаи доруворӣи зиддимикробӣ |
| **ИХҶО** | Иртиботи хавфҳо ва ҷалби ҷомеаҳо |
| **КБО** | Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **КАТС** | Кӯмаки аввалияи тиббӣ ва санитарӣ |
| **КДМ** | Кумитаи доруворӣ ва муолиҷа |
| **КТС** | Кумитаи такмии сифат |
| **КҲМЗ** | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **МА** | Мониторинг ва арзёбӣ |
| **МЗМ** | Муқовимати зиддимикробӣ |
| **МКАМ** | Маводи кимиёвии анатомии муолиҷавӣ |
| **НИИДЛ** | Низоми иттилоотии идоракунии дастгирии логистӣ, назорати анборӣ |
| **НИИО** | Низоми иттилоотии идоракунии озмоишгоҳҳо |
| **ОСБ** | Обтаъминкунӣ, санитария ва беҳдошт |
| **ПНС** | Пешгирӣ ва назорати сироятҳо |
| **РСА** | Расмиёти стандартии амалиётӣ |
| **САТА** | Сироятҳои бо амалияи тиббӣ алоқаманд |
| **СРБН** | Сирояти роҳҳои болоии нафас |
| **СУСҲ** | Созмони умумиҷаҳонии солимии ҳайвонот |
| **СУТ** | Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ |
| **ТМС** | Такмили муттасили сифат |
| **ТННЭ** | Тадқиқоти нуқтавии назодари эпидемологӣ |
| **ТҲЗМ** | Таҳлили ҳассосияти зиддимикробӣ |
| **ФАО** | Ташкилотти озуқа ва кишварзии Созмони Миллали Муттаҳид |

| | |
|---|---|
| **ФТБҶ** | Фонди трастии бисёрҷониба |
| **ХНДСЭ** | Хадамоти назорати давлатии санитарӣ ва эпидемиологӣ |
| **ХНДТҲИА** | Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| **ШЭК** | Шӯъбаи эҳёгарии кӯдакона |
| **ШЭН** | Шӯъбаи эҳёгарии навзодон |
| **ЮНЕП** | Барномаи СММ оид ба муҳити зист |

# 1. МУҚАДДИМА

Муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) таҳдиди ҷиддӣ ба тандурустии ҷамъиятии глобалӣ, амнияти озуқаворӣ, рушди устувор ва устувории иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ), Барномаи озуқа ва кишоварзии СММ (ФАО), Созмони умумиҷаҳонии саломатии ҳайвонот (СУСҲ) ва Барномаи СММ оид ба муҳити зист (ЮНЕП) муқовимати зиддимикробиро яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳонии тандурустӣ эътироф намуда, амалҳои ҳамоҳангшудаи байнисоҳавиро дар доираи равиши «Солимии ягона» талаб менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ ҳамчун афзалияти стратегии соҳаи тандурустии ҷамъиятӣ муайян шудааст. Талошҳои миллӣ дар давоми даҳсолаи охир пай дар пай густариш ёфта, бо Нақшаи амалии глобалии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (2015 с.) ва ӯҳдадориҳои муҳими байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамоҳанг шудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидорҳои худро дар соҳаи назорати МЗМ, мониторинги истеъмоли доруҳои зиддимикробӣ, ташхиси озмоишгоҳӣ, пешгирӣ ва назорати сироятҳо (ПНС), инчунин ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ тақвият бахшидааст.

Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030 бар дастовардҳои Нақшаи миллии амалҳо оид ба мубориза бо устувори ба доруҳои зиддимикробӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2022 ва Нақшаи миллии амалҳо оид ба мубориза бо устувори ба доруҳои зиддимикробӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2025, ки моҳи декабри соли 2025 анҷом меёбад, такя мекунад. Бо мақсади роҳнамоӣ дар таҳия ва татбиқи Харитаи нави роҳ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 июли соли 2025 фармоиши расмӣ оид ба таъсиси Гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ ба имзо расонид. Гурӯҳи кории байнисоҳавӣ аз нӯҳ мақомоти давлатӣ иборат буда, тавассути сатҳи ҳамоҳангсозии баланд ва сатҳи техникии худ, фаъолият мекунад. Нахустин ҷаласаи (ГКБМ) дар моҳи августи соли 2025 расман оғози таҳияи ҳуҷҷати стратегии навро эълон намуд.

Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030 ба далелҳои миллии охирин такя мекунад, аз ҷумла пешниҳоди маълумоти солонаи истифодабарии маводи зиддимикроби ба GLASS, арзёбии бисёрмарҳилавии истеъмоли доруҳои зиддимикробӣ дар беморхонаҳо барои солҳои 2024–2025, Таҳқиқоти паҳншавии нуқтагии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар соли 2025, ҷамъоварии нахустини маълумоти муқовимати зиддимикробӣ дар доираи шабакаи назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ дар Осиёи Марказӣ ва Аврупои Шарқӣ (CAESAR) барои соли 2024 ва тадқиқот оид ба дастрасӣ ва мавҷудияти маводи ташхисӣ дар озмоишгоҳҳои бактериологӣ МЗМ-MedMon. Ҳамчунин, ҳуҷҷат таҷрибаҳои бадастомадаро дар доираи Лоиҳаи Фонди трастии бисёрҷониба (ФТБҶ), пешниҳоди дархости миллӣ ба Маркази байналмилалии ҳалли масъалаҳои муқовимати зиддимикробӣ барои гузаронидани таҳқиқоти татбиқӣ ва ташаббусҳои бисёрсоҳавии мавҷударо ба инобат мегирад.

Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030 дурнамои ҳамаҷонибаро барои

таҳкими идоракунии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ, назорати эпидемиологӣ, иқтидорҳои озмоишгоҳӣ, идоракунии истифодаи доруҳои зиддимикробӣ, низомҳои байторӣ ва бехатарии озуқа, ҳифзи муҳити зист ва обтаъминкунӣ, санитария ва беҳдошт дар доираи равиши «Солимии ягона» муайян менамояд. Ҳадафи он то соли 2030 таъсиси эъттинои миллӣ ба муқовимат ба доруҳои зиддимикроби мебошад, ки устувор ва ба далелҳо асосёфта хоҳад буд.

## 2. Таҳлили вазъият

Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмими милии устуворро дар самти мубориза бо муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ тавассути силсилаи нақшаҳои миллии амали пайдарпай ва ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ намоиш медиҳад. Кишвар бори аввал Нақшаи миллии амалҳо оид ба мубориза бо устувори ба доруҳои зиддимикробӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018—2022 ва сипас Нақшаи миллии амалҳо оид ба мубориза бо устувори ба доруҳои зиддимикробӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2025 таҳия, кабул ва татбиқ намуд. Ҳар ду нақшаҳо бо Нақшаи глобалии амали Созмони умумиҷаҳонии тандурустї ва Нақшаи амали стратегии аврупоӣ (2011—2020) оид ба мубориза бо муқовимат ба доруҳои зиддимикроби ва равиши "Солимии ягона" мутобиқ мебошанд. Сарфи назар аз заминаи муҳими сиёсӣ ва институтсионалии ташаккулёфта, барои таъмини татбиқи пурраи чорабиниҳо, таъминоти кофии захиравӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳо байни бахшҳо, корҳои минбаъда талаб карда мешаванд.

### 2.1 Контексти глобалӣ ва минтақавӣ

Муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ мушкили глобалии рӯ ба афзоиш мебошад, ки солимии инсон, истеҳсоли чорво, занҷирҳои таъминоти озуқаворӣ ва эконизомро таҳдид мекунад. Кишварҳои дорои даромади паст ва миёна, бинобар маҳдудияти иқтидорҳои озмоишгоҳӣ, сатҳи баланди таъини доруворӣ бо усули эмпирикӣ ва дастрасии осон ба доруворӣ зиддимикробӣ бидуни дорухат, бо хавфҳои афзоянда рӯбарӯ мегарданд.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ равияҳои муқовимати зиддимикробӣ тамоюлҳои глобалиро инъикос мекунанд, ки бо афзоиши муқовимат миёни патогенҳои грам-манфӣ ва истифодаи васеи доруворӣ зиддимикробии миқёсашон васеъ тавсиф мешаванд.

### 2.2 Идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии миллӣ

Нақшаи миллии амал оид ба муқовимати зиддимикробӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2025, ки аз ҷониби ҳафт мақомоти давлатӣ расман тасдиқ шуда, татбиқи он моҳи апрели соли 2024 оғоз гардид, тасмими қавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба равиши «Солимии ягона» боз тасдиқ намуд.

- Гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ (ГКБМ), ки дар асоси фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бознигари шуда, айни замон аз намояндагони нӯҳ вазорату идораҳои давлати иборат мебошад, ҳамоҳангсозиро байни соҳаҳои тандурустӣ, байторӣ, муҳити зист, бехатарии озуқа, маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва захираҳои об, стандартизатсия, метрология ва сертификатсия, ва молия таъмин менамояд. ГКБМ дар асоси фармоиши Вазорат аз 9 июли 2025с, № 421 тасдиқ шудааст.
- Гурӯҳи амалкунандаи байнисоҳавӣ ва техникӣ оид ба МЗМ таъсис дода шудааст, ки мунтазам ҷаласаҳои ҳамоҳангсозиро баргузор карда чорабиниҳои соҳавиро бо сохторҳои байналмилалӣ, аз қабили Низоми глобалии назорати эпидемиологӣ оид ба муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ аз СУТ (GLASS), Назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ дар Осиёи Марказӣ ва Аврупои Шарқӣ (CAESAR) ва стандартҳои ФАО / СУСҲ ҳамоҳанг месозад.

- Ҳамасола, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди худбаҳодиҳии пайгирии татбиқи муқовимати зиддимикробӣ (TrACSS) дар кишвар иштирок карда, шаффофияти кишвар ва иштироки онро дар механизмҳои глобалии мониторинги МЗМ инъикос мекунад.

Аъзоёни Гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ:

- Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ дар асоси ду сатҳ фаъолият мекунад: сатҳи ҳамоҳангсозӣ (муовинони роҳбарони вазорату идораҳо) ва сатҳи техникӣ (мутахассисони таъиншуда аз ҳар як соҳа). Роҳбарии он ба зиммаи муовини Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст. Ки ҳамзамон вазифаи Сардухтури санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро менамояд.

Ҳамоҳангсозони миллӣ оид ба муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) ва мониторинги истифодаи доруҳои зиддимикробӣ (ИДЗМ) ба Вазорати тандурустї ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вогузор шудааст. Дар моҳи августи соли 2025, гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ нахустин ҷаласаи худро баргузор намуда, расман таҳияи Харитаи роҳи миллӣ ва Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030-ро оғоз карда, таҳлили нави вазъи миллӣ дар тамоми бахшҳои равиши «Солимии ягона»-ро роҳандозӣ намуд.

### 2.3 ИҚТИДОРИ НАЗОРАТИ ЭПИДЕМИОЛОГӢ ВА ОЗМОИШГОҲӢ

Дар солҳои 2023–2025 пешрафти назаррас дар таҳкими низомҳои назорати муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) ва мониторинги истифодаи доруворӣи зиддимикробӣ ба даст оварда шуд:

- Арзёбиҳои ибтидоии муқовимати зиддимикробӣ ва истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар соҳаҳои тандурустӣ ва байторӣ гузаронида шудаанд.
- Пайнавишти стандартии назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ дар шаш беморхонаҳои таҷрибавӣ амалӣ шуда, асоснокии ташхисҳои озмоишгоҳии ҳамгироишударо тасдиқ намуданд.
- Курси таълимии ташхиси Вокуниши занҷиравииполимеразӣ барои мутахассисони миллии озмоишгоҳҳои бактериологи оид ба такмили иқтидори таҳлили молекулярӣ дар шаҳри Амстердам ташкил карда шуд, инчунин таҷрибаомӯзии

амали дар давоми як ҳафта дар Туркия дар самти ташхиси муқаррарии таҳлили ҳасосияти зиддимикробиро дар бар гирифт.

- Иттилооти миллии истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ, ҳамасола ба низоми Созмони умумиҷаҳонии GLASS, бо истифода аз омори воридот ва истеҳсоли дохилии доруворӣ ҷамоваришуда, пешниҳод мегардад.
- Таҳлили марҳилаи аввали Тадқиқоти беморхонавии истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар ду муассисаҳои бисёрсоҳавии тандурустӣ дар асоси иттилооти харид гузаронида шуда, марҳилаи дуюми Тадқиқоти беморхонавии истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ бо истифода аз методологияи СУТ оид ба Тадқиқоти паҳншавӣ нуқтагӣ баргузор гардид.
- Ҳамгироии таснифоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ "AWaRe" ба Рӯйхати миллии доруворӣи асосӣ як марҳилаи муҳими сатҳи сиёси барои роҳнамоии истифодаи оқилонаи антибиотикҳо мебошад.
- Шарикон, аз ҷумла ФАО, СУТ, ЮНЕП ва СУСҲ тақвияти озмоишгоҳҳои байторӣ, низомҳои бехатарии озуқа ва шабакаҳои назорати эпидемиологӣ чорабиниҳоро идома додаанд, ки ин густариши ин чорабиниҳоро дар доираи нақша нави барои солҳои 2026—2030 замина гузошт.

### 2.3.1 Назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ дар соҳаи тандурустӣ (Солимии инсон)

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои муҳим барои таҳкими назорати эпидемиологии бехатарии озуқа, бемориҳои зоонозӣ ва муқовимати зиддимикробӣ (МЗМ) тавассути ҷорӣ намудани стандартҳои EUCAST дар якчанд нуқтаҳои назорати дидбонгоҳӣ бо дастгирии СУТ ва ФАО, инчунин тавассути дастгирии ҳадафманд ба озмоишгоҳҳои миллии истинодӣ дар бахшҳои тандурустӣ ва байторӣ амалӣ гардиданд. Шаш озмоишгоҳҳои бактериологӣ, аз ҷумла Озмоишгоҳи миллии референсӣ ва беморхонаҳои асосӣ дар шаҳри Душанбе ва як озмоишгоҳи минтақавӣ дар шаҳри Кӯлоб бо стандартҳои EUCAST муаррифӣ шуда, Протокол оид ба аҳамияти ташхиси стандартӣ дар назорати эпидемиологии МЗМ дар ду марҳила татбиқ намудаанд. Бо вуҷуди ин, дастурамали ягонаи миллӣ оид ба таҳлили ҳассосияти зиддимикробӣ (ТҲЗМ) то ҳол қабул нагардидааст.

Соли 2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал иттилооти муқовимати зиддимикробӣ аз панҷ беморхона бо истифода аз методологияи EUCAST ҷамъоварӣ гардид. Ин иқдом бар асоси татбиқи Протокол оид ба аҳамияти ташхиси стандартӣ дар назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ дар доираи шабакаи CAESAR амалӣ шуд.

Тадқиқоти арзёбии дастрасии маводҳои озмоишгоҳи барои ташхиси устувории зиддимикробӣ (MedMon) гузаронидашуда дар соли 2023 камбудиҳои муҳимро дар ин самт муайян намуд, аз ҷумла норасоии маводҳои зарурии озмоишгоҳӣ, маҳдудияти дастрасии муҳитҳои ташхисӣ, сатҳи нокифояи стандартикунонии усулҳои таҳлили ҳассосияти зиддимикробӣ (ТҲЗМ), инчунин заъфҳо дар равандҳои харид.

Маҳдудиятҳои назаррас то ҳол боқӣ мемонанд, аз ҷумла гуногунрангӣ дар усулҳои ташхиси ҳасоссият ба доруҳои зиддимикробӣ, татбиқи маҳдуди равандҳои назорати сифат, норасоии маводҳои зарурии озмоишгоҳӣ ва фарогирии номукаммали назорати эпидемиологӣ дар минтақаҳо ва муассисаҳо.

### 2.3.2 Истифодаи дорувории зиддимикробӣ (ИДЗМ) ва Истеъмоли маводҳои зиддимикробӣ (ИМЗМ)

2.3.2.1 Профили миллии ИДЗМ / ИМЗМ дар асоси Гузориши тасдиқии ИМЗМ аз GLASS

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2014 ҷамъоварии маълумоти миллӣ оид ба истифодабарии доруҳои зиддимикробиро оғоз намуда, ҳамасола маҷмӯи маълумоти тасдиқшударо ба платформаи глобалии назорати истифодабарии доруҳои зиддимикробии Созмони умумиҷаҳонӣ GLASS пешниҳод мекунад. Ҳисоботи тасдиқкунии истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар GLASS барои соли 2025 шарҳи муҳимро оид ба тамоюлҳои истеъмоли доруҳои зиддимикробӣ ва беҳбуди сифати маълумот фароҳам меорад.

Сатҳҳои истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар давраи аз соли 2016 то 2024 ба қайд гирифта шуда, тақрибан аз 16 то 29 DDD/1000 аҳолӣ/рӯзро ташкил медиҳад, ки ин тағйиротҳоро дар таҷрибаи таъини дору, низоми харид ва сатҳи истифодаи хизматрасониҳоро инъикос менамоянд. Соли 2020 афзоиши назарраси истеъмол мушоҳида гардид, ки бо пандемияи COVID-19 ва истифодаи васеи антибиотикҳо, аз ҷумла азитромитсин ва фторхинолонҳо алоқаманд буд.

Маълумоти пас аз пандемия нишон медиҳад, ки сатҳи истифодабари тадриҷан ба ҳолати пеш аз COVID бармегардад, гарчанде ки истифодабарӣ то ҳол аз солҳои 2016–2017 баландтар боқӣ мемонад. Маълумоти миллӣ истифодабарии антибиотикҳои гурӯҳи J01-ро дар бахши тандурустӣ, инчунин ҳисоботи иловагиро оид ба: маводҳои зиддизанбӯруғӣ (J02), маводҳои зиддивирусӣ (J05), маводҳои зиддисилӣ (J04A) ва маводҳои зиддималяриявӣ (P01B) дар бар мегиранд.

Маълумот мувофиқи методологияи Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба ATC/DDD ҷамъоварӣ карда шуда, бо истифода аз нишондиҳандаҳо бо DDD ва тонна таҳлил карда мешавад.

Санҷиши эътимоднокӣ (валидатсия) беҳтар гардидани мувофиқати маълумот, фарогирии пурраи аҳолӣ ва истифодаи дурусти рамзгузории ATC-ро тасдиқ менамояд.

Истеъмоли антибиотикҳои гурӯҳи “Назоратӣ” ҳамоно баланд боқӣ мемонад, ки истифодаи назарраси ципрофлоксатсин, левофлоксатсин ва сефиксимро дар бар мегирад. Татбиқи чаҳорчӯбаи “AwaRe” дар амалияи клиникӣ то ҳол маҳдуд аст, сарфи назар аз он ки “AwaRe” ба Рӯйхати доруҳои асосӣ (таҳрири соли 2024) ворид карда шудааст.

Пандемияи COVID-19 таъиноти эмпирикии доруҳоро ба таври назаррас афзоиш дод, махсусан макролидҳо ва фторхинолонҳоро. Маълумот афзоиши муваққатии истеъмоли доруҳои зиддимикробиро дар соли 2020 ва баъдан мӯътадилшавии қисмиро нишон медиҳад. Истеъмоли баланди доруҳои гурӯҳи “Назоратӣ” хатари суръат бахшидани тамоюлҳои МЗМ-ро ба миён меорад.

Дастнорас будани протоколҳои миллии клиникӣ оид ба истифодаи оқилонаи антибиотикҳо ба таъноти номунтазам саҳм мегузорад.

Иттилооти муттаҳидшудаи истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ/истеъмоли маводҳои зиддимикробӣ ва муқовимати зиддимикробӣ ба талаботи мудохилаҳои истифодаи оқилона ҳам дар шароити бистарикунӣ ва амбулаторӣ ишора мекунад.

### 2.3.2.2 Истеъмоли маводҳои зиддимикробӣ ва таҳқиқоти паҳншавии нуқтагӣ дар сатҳи беморхона

Таҳияи методологияи стандартишуда барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар сатҳи беморхонавӣ барои ба даст овардани далелҳои эътимоднок оид ба моделҳои истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ аҳамияти калидӣ дорад. Ин далелҳо имконият медиҳанд, ки таҷрибаи таъини доруҳо, камбудиҳо дар ҳуҷҷатгузорӣ ва самтҳои афзалиятнок барои барномаҳои идоракунии истифодаи доруҳои зиддимикробӣ муайян карда шаванд. Методологияи мазкур қобилияти муқоисакуниро байни муассисаҳо ва мувофиқатро бо ташаббусҳои глобалӣ оид ба назорати эпидемиологӣ таъмин намуда, бо ҳамин роҳ иқтидори миллиро барои мониторинг ва оптимизатсияи истифодаи доруҳои зиддимикробӣ тақвият мебахшад.

Дар ин робита, дар солҳои 2024–2025 бо дастгирии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ гузаронидани тадқиқоти семарҳилаи арзёбии истеъмоли доруҳои зиддимикробӣ дар сатҳи беморхонавӣ дар ду муассисаҳои калон оғоз карда шуд. Тадқиқоти паҳншавии нуқтагӣ  дар соли 2025 сатҳи баланди таъини эмпирикӣ, истифодаи васеи антибиотикҳои парентералӣ ва камбудиҳоро дар пешбурди ҳуҷҷатҳои клиникӣ ошкор намуд. Таҳлили муфассал идома дошта барои муайян кардани афзалиятҳои барномаҳои истифодаи оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ истифода хоҳад шуд.

## 2.4 Протоколҳои клиникӣ ва барномаҳои истифодабарии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ

Дастурамалӣ миллӣ оид ба истифодабарии оқилонаи антибиотикҳо ҳамчун протоколи алоҳида таҳия нашудааст. Протоколҳои клиникӣ мавҷуданд, аммо навсозиҳои онҳо ба масъалаи муқовимати доруҳои зиддимикробиро дар бар намегиранд. Таснифоти гуруҳбандии Созмони умумиҷаҳонии тандрустӣ оид ба антибиотикҳо AWaRe ба Рӯйхати доруҳои асосӣ ворид карда шудааст, аммо татбиқи он дар беморхонаҳо то ҳол маҳдуд боқӣ мемонад.

## 2.5 Пешгирии сироят, назорати сироят ва огаҳӣ оид ба сироятҳо

Нақшаи дуюми миллии амалҳо оид ба мубориза бо доруҳои зиддимикроби дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2025 талошҳоро барои коҳиши хатари сироят ва истифодаи ғайриоқилонаи антибиотикҳо тавассути зерин тақвият бахшид:

- Барномаҳои мустаҳками Пешгирӣ ва назорати сироятҳо (ПНС) ва ОСБ дар муассисаҳои тандурустӣ ва чорводорӣ.
- Омӯзиш, таблиғот ва маъракаҳои огаҳӣ, ки ба мутахассисони тандурустӣ, байторӣ ва фармасевтӣ равона шудаанд.
- Маъракаҳои миллӣ ва байналмилалии огаҳӣ,  ки тағйироти рафтор ва ҷалби аҳолиро дар самти сӯистифодаи маводҳои зиддимикробӣ дастгирӣ менамоянд.

Ин дастовардҳо инъикосгари беҳбудиҳои пайдарпай, вале намоён дар идоракунӣ, назорат ва таҳкими иқтидорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимати доруҳои зиддимикробӣ мебошанд.

**Арзёбии муштараки беруна (АМБ)**

Соли 2025 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз арзёбии берунаи муштараки Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ гузашт, ки ҳадафи он муайян намудани омодагии кишвар барои пешгирӣ, ошкор ва эътинои фаврӣ ба хатарҳои тандурустии ҷамъиятӣ буд. Барои Самти техникии P4 «Муқовимати зиддимикробӣ (АМР)» нишондиҳандаҳои зерин ба даст оварда шуданд:

- P4.1 Ҳамоҳангсозии бисёрсоҳавӣ оид ба муқовимати зиддимикробӣ (АМР): 3
- P4.2 Назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ: 2
- P4.3 Пешгирии устувории бисёркаратаи микроорганизмҳо ба доруҳои зиддимикробӣ: 2
- P4.4 Истифодаи оқилонаи дорувории зиддимикробӣ дар тандурустӣ: 2
- P4.5 Истифодаи оқилонаи дорувории зиддимикробӣ дар байторӣ ва кишоварзӣ: 2

Арзёбиҳо аз рӯи аксари самтҳои МЗМ (P4.2–P4.5) дар сатҳи баҳои 2 қарор дошта, ин зарурати тақвияти ҷиддии иқтидори миллӣ ва татбиқи чорабиниҳои мушаххасро нишон медиҳад.

**Тавсияҳои калидии Арзёбии муштараки беруна барои тақвияти низоми МЗМ**

Коршиносон Арзёбии муштараки беруна як қатор самтҳои муҳими беҳтарсозиро муайян намуданд, ки он асоси банақшагирии Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030-ро ташкил дода, таваҷҷӯҳи аввалиндараҷаро талаб менамояд.

1. Ҳамоҳангсозӣ, маблағгузорӣ ва захираҳо (P4.1)

Таҳия ва тасдиқи нақшаи буҷетӣ барои татбиқи Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030. Тақсимоти захираҳои кофӣ дар ҳамаи бахшҳо, аз ҷумла ҳамгироии муқовимати зиддимикробӣ ба рӯзномаи васеи рушди миллӣ бо мақсади таъмини дастгирии дарозмуддати захираҳо.

2. Назорати эпидемиологӣ, озмоишгоҳҳо ва протоколҳо (P4.2 and P4.3)

Густариши фарогирии назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ дар ҳамаи минтақаҳо ва таҳкими иқтидори озмоишгоҳӣ дар бахшҳои тандурустӣ ва байторӣ барои таҳлили ҳассосияти зиддимикробӣ (ТҲЗМ), махсусан нисбат ба патогенҳои бактериявии афзалиятнок. Таҳия, тасдиқ ва татбиқи протоколи миллии стандартӣ барои ошкор, огоҳкунӣ ва идоракунии патогенҳои афзалиятноки микроорганизмҳо ба доруҳои зиддимикробӣ бо устувории бисёркарата. (MDRO).

3. Истифодаи оқилонаи дорувории зиддимикробӣ (P4.4 and P4.5)

Соҳаи тандурустӣ: Ташкили низоми миллии мониторинг барои таҳкими назорат бар таъини дорухат ва тақсимоти доруҳои зиддимикробӣ, махсусан доруҳои гурӯҳҳои «Захиравӣ» ва «Назоратӣ».

Соҳаҳои байторӣ / кишоварзӣ: Таҳия, тасдиқ ва татбиқи қоидаҳо ва дастурамалҳои миллии истифодаи оқилонаи доруворӣи зиддимикробӣ, инчунин таъмини тақсимоти доруҳои муҳими зиддимикробӣ танҳо бо дорухати байтор ё шахси дигаре, ки мувофиқи қонунгузорӣ ваколатдор буда, омӯзиши заруриро гузаштааст.

4. Пешгирӣ ва амнияти биологӣ

Густариш додани татбиқи ҷузъҳои асосии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба пешгирӣ ва назорати сироятҳо дар тамоми муассисаҳои тиббии кишвар. Сармоягузорӣ барои тақвияти низомҳои чорводорӣ, амнияти биологӣ ва ваксинатсия бо мақсади коҳиш додани талабот ба антибиотикҳо дар бахши чорводорӣ. Арзёбии муштараки беруна тасдиқ менамояд, ки сарфи назар аз пешрафт дар ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ (Баҳои 3), камбудиҳои назаррас боқӣ мондаанд, ки сармоягузории фаврӣ ва таҳияи протоколҳои миллиро талаб мекунанд. Ин раванд мустақиман бо ҳадафҳои Харитаи роҳи миллӣ ва нақшаи амалисозии муқовимати зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030 мутобиқат дорад.

Мушкилот ва камбудиҳои асоси

Сарфи назар аз пешравиҳои бадаст омада, баъзе мушкилотҳо то ҳол самаранокӣ ва устувории чораҳои назорати муқовимати зиддимикробиро маҳдуд месозанд:

- Маҳдудияти инфрасохтори озмоишгоҳӣ, дастрасии реагентҳо ва ҷамъоварии нодурусти иттилоот, ки мунтазамии таҳлилҳои бактериологӣ ва ҳассосияти зиддимикробӣ (ТҲЗМ) ва ҷамъоварии иттилооти босифатро маҳдуд менамоянд.
- Набудани методологияҳои стандартии ташхиси ҳассосияти зиддимикробӣ ва низомҳои кафолати берунаи сифат, ки муқоиса ва эътимоднокии иттилоотро таҳти хатар мегузоранд.
- Низомҳои парокандаи муқовимати зиддимикробӣ ва истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар соҳаҳои тандурустӣ, байторӣ ва муҳити зист, ки дорои маҳзани иттилоотии ҳамгиро нестанд.
- Набудани мониторинги амалкунандаи истифодаи доруҳои зиддимикробӣ дар сатҳи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тибби санитарӣ, беморхонаҳо ва соҳаи чорводорӣ.
- Набудани танзими кофии фуруши доруҳои зиддимикробӣ бидуни дорухат ҳам дар соҳаи тандурутӣ ва ҳам байторӣ, ки ба сӯистифода ва худтабобат саҳм мегузоранд.
- Маблағгузории нокифояи дохилии чорабиниҳо оид ба муқовимати зиддимикробӣ, ки боиси вобастагӣ аз лоиҳаҳои кӯтоҳмуддати донорӣ мегардад, на аз механизмҳои устувори институтсионалӣ.
- Итилооти нокифоя аз соҳаҳои байорӣ ва муҳити зист.
- Фарогирии маҳдуди соҳаи муҳити зист, новобаста аз далелҳои афзояндаи роҳҳои экологии интиқоли муқовимати зиддимикробӣ.

Илова бар ин, камбудиҳои устувор дар хизматрасониҳои бехатари обтаъминкунӣ санитария ва беҳдошт ва пешгирӣ ва назорати сироятҳо дар муассисаҳои тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти ҷиддиро барои маҳдудсозии самараноки муқовимати зиддимикробӣ ва татбиқи Харитаи роҳи миллии муқовимати зиддимикробӣ ба миён меоранд. Арзёбии миллӣ нишон медиҳад, ки қариб нисфи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббии санитарӣ (49,8%) ягон сатҳи асосии хизматрасонии обтаъминкунӣ санитария ва беҳдошт таъмин намекунанд, дар ҳоле ки танҳо 0,4% ҳамаи панҷ андозаи асосии обтаъминкунӣ санитария ва беҳдоштро иҷро менамоянд. Аксари муассисаҳо танҳо як (31,0%) ё ду (12,1%) андозаро таъмин мекунанд, ки ин камбудиҳои низомиро дар

дастрасии оби тоза, беҳдошти муҳит, идоракунии партовҳо, санитария ва инфрасохтори функсионалии беҳдошти дастҳо инъикос менамояд. Ин заъфҳои сохторӣ хатари сироятҳои вобаста ба муассисаҳои тиббӣ, таъини ғайриоқилонаи антибиотикҳо ва роҳҳои ифлосшавӣ байни инсон, ҳайвонот ва муҳитро ба таври назаррас зиёд менамоянд.

Ин камбудиҳо зарурати уҳдадории устувори сиёсӣ, афзоиши сафарбарсозии захираҳо ва гузариш аз мудохилаҳои лоиҳавӣ ба идоракунии низомӣ ва институсионалии муқовимати зиддимикробӣ (МЗМ)-ро таъкид менамоянд.

## 3. ДУРНАМОИҲО БАРОИ СОЛҲОИ 2026–2030

Бо такя ба дастовардҳои солҳои 2018–2025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло барои таҳия ва татбиқи «насли дуюм»-и Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026—2030 мавқеъ гирифтааст, ки:

- Навсозӣ ва таҳкими чаҳорчӯбаҳои идоракунӣ ва ҳисоботдиҳӣ;
- Густариши назорати эпидемиологии ҳамгироишуда дар бахшҳои тандурустӣ, байторӣ, бехатарии озуқа ва муҳити зист;
- Ҳамгироии истифодаи оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ, пешгирӣ ва назорати сироятҳо дар ҳамаи сатҳҳои низоми тандурустӣ;
- Таҳкими танзими истифодаи доруҳои зиддимикробӣ ва фурӯши доруворӣ аз дорухонаҳо;
- Ташкили механизмҳои устувори миллии маблағгузорӣ барои маҳдудсозии муқовимати зиддимикробӣ.

### НАЗАРИЯ, ҲАДАФ ВА ЧАҲОРЧӮБАҲОИ РОҲНАМО

**Назария.** То соли 2030 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи саломатии аҳолӣ, ҳайвонот, растаниҳо ва муҳити зистро аз муқовимати зиддимикробӣ тавассути низоми ҳамгироишудаи «Солимии ягона» таъмин менамояд, ки он пешгирии сироятҳоро амали намуда, самаранокии маводҳои зиддимикробӣ, бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, устувории тиҷорат ва воситаҳои зиндагиро кафолат медиҳад.

**Ҳадаф (солҳои 2026–2030).** Коҳиши сарбории тандурустӣ ва иқтисодии муқовимати зиддимикробӣ тавассути: (I) коҳиши истифодаи нодурусти доруҳои зиддимикробӣ дар соҳаҳои тандурустӣ ва байторӣ; (II) густариши назорати эпидемиологии босифат ва озмоишгоҳҳо; (III) институтсионализатсияи пешгирӣ ва назорати сироятҳо ва хизматрасониҳои обтаъминкунӣ санитария ва беҳдошт; (IV) ҳамгироии идоракунӣ, танзим ва тағйироти рафторӣ дар тамоми бахшҳо.

### ИДОРАКУНӢ ВА ҲАМОҲАНГСОЗӢ ДАР РАВИШИ "СОЛИМИИ ЯГОНА"

**1. Гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ.** Роҳбарии онро Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дошта, ҳамоҳангсозии он ба Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар ниҳодҳои давлатӣ ва Шарикони рушд ба уҳда гузошта шудааст.

**2. Гурӯҳҳои кории техникӣ (ГКТ):**

- Назорати эпидемиологӣ ва озмоишгоҳҳо (низомҳои GLASS/CAESAR, МЗМ/ИДЗМ дар байторӣ, озуқа, муҳити зист)
- Истифодаи оқилонаи доруворӣи зиддимикробӣ (тандурустӣ ва байторӣ)
- Пешгири ва назорати сироят ва обтаъминкунӣ санитария ва беҳдошт (муассисаҳои тандурустӣ, ҷомеаҳо ва занҷираи озуқа)
- Танзим / харид (салоҳияти фурӯш, манъ кардани фурӯши бидуни дорухат, маҳсулоти пастсифат / қалбакӣ)
- Иртибот, маориф ва тағйироти рафтор

**3. Котибот:** Дар сохтори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, масъули ҳисоботдиҳии TrACSS, мониторинг ва арзёбӣ, ҳисоббарорӣ ва ҳамоҳангсозии шарикон мебошад. (Мутобиқ ба қадамҳои татбиқи Нақшаи амали глобалии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ).

**4. Механизми ҳамоҳангсозӣ**

Ҷаласаҳои байнисоҳавии мунтазами Гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ ва гурӯҳи кории техникӣ ҳадди аққал ду маротиба дар як сол барои баррасии пешравиҳо, мушкилот ва мувофиқаи нақшаи байнисоҳавӣ баргузор мегарданд. Котиботи Гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ ҳисоботҳои муттаҳидшудаи пешрафт ва ҷамъбасти баррасиҳои солонаро барои пешниҳоди TrACSS омода месозад. Илова бар ин, ҷаласаҳои мунтазам бо дигар механизмҳои мувофиқсозии дахлдор, ки дар сатҳи ниҳодҳои давлатӣ оид ба обтаъминкунӣ санитария ва беҳдошт фаъолият мекунанд ва мақомоти миллии давлатӣ ва шарикони рушдро дар самтҳои обтаъминкуни, санитария ва беҳдошт, ва беҳбуди инфрасохтори муассисаҳо муттаҳид месозанд, барои таъмини ҳамоҳангии амалҳо, пешгирии такрор ва таъмини ҳамоҳангии амалҳо, пешгирии такрорёбӣ ва таҳкими мутобиқсозии афзалиятҳо оид ба муқовимати зиддимикробӣ, пешгири ва назорати сироят ва обтаъминкунӣ санитария ва беҳдошт дар тамоми низоми тандурустӣ зарур мебошанд.

**5. Мушкилоти калидӣ ва қадамҳои минбаъда**

Ҳарчанд сохтори ҳамоҳангсозӣ фаъол мебошад, як қатор мушкилот то ҳол боқӣ мемонанд, аз ҷумла:

- Набудани маблағгузории алоҳида барои чорабиниҳои муқовимати зиддимикробӣ дар доираи барномаҳои миллӣ;
- Иқтидори маҳдуди институсионалӣ барои мониторинг, арзёби, ва банақшагирии маблаггузорӣ;
- Талабот барои:
    - **Қадами 1:** Такмил додаини мубодилаи маълумотҳои байнисоҳавӣ ва ҷорӣ намудани воситаҳои рақамӣ барои мониторинги муқовимати зиддимикробӣ бо мақсади таъмини мубодилаи иттилооти саривақтӣ, ҳамгиро, ва стандартӣ дар бахшҳои тандурустӣ, байторӣ ва муҳити зист.
    - **Қадами 2:** Таъсис ва фаъолияти амалии механизми тақвиятёфтаи ҳамоҳангсозии миллӣ оид ба муқовимати зиддимикробӣ бо таъмини маблағгузории устувор, ки татбиқи чорабиниҳоро роҳнамоӣ намуда, назорати пешрафт ва ҳисоботдиҳиро таъмин менамояд.
    - **Қадами 3:** Густариш ва тақвияти низомҳои миллии ҳисоботдиҳӣ ва назорати эпидемиологӣ, аз ҷумла самтҳои лабораторӣ, клиникӣ ва экологӣ, барои таҳияи пойгоҳи далелҳои эътимоднок, ки барои қабули қарорҳо зарур мебошанд.
    - **Қадами 4:** Тақвияти ҳамкории байни бахшҳои тандурустӣ, ҷорводорӣ, бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳифзи муҳити зист бо мақсади таъмини равиши комилан ҳамгироишудаи «Солимии ягона», ки бо Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (МЗМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030 мувофиқа шудааст.

## 4. САМТҲОИ СТРАТЕГӢ, ҲАДАФҲО, ЧОРАБИНИҲОИ АФЗАЛИЯТНОК ВА НАТИҶАҲО (солҳои 2026–2030)

### Самти стратегии I — Назорати эпидемиологӣ ва озмоишгоҳҳо (Самти тандурустии инсон, байторӣ, бехатарии озуқа, муҳити зист)

**Ҳадафи 1.** Таъсиси низоми репрезентативии миллии назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ/истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар ҳама соҳаҳо, ки бо низомҳои GLASS / CAESAR ва СУСҲ ҳамгиро шудааст.

**1. Назорати эпидемиологии соҳаи тандурустӣ**

a) Такмил додан ва нигоҳ доштани устуворсозии иқтидори таҳлили бактериологӣ дар ҳамаи муассисаҳои дидбонгоҳии таъиншуда, аз ҷумла: Озмоишгоҳҳои Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, муассисаҳои давлатии "Озмоишгоҳи миллии тандурустии ҷамъиятӣ", Озмоишгоҳи миллии референсӣ, Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии тибби профилактикии Тоҷикистон, Маркази миллии тиббии «Шифобахш», Маҷмааи тиббии «Истиқлол», Беморхонаи клиникии бемориҳои сироятии шаҳри Душанбе, Беморхонаи клиникии бемориҳои сироятии кӯдакон шаҳрии Душанбе, Маркази тиббии шаҳрии ба номи Карим Ахмедов №1 ва Беморхонаи клиникии минтақавии Кӯлоб ба номи Хақназаров.

Такмилдиҳи кадамҳои зеринро дар бар мегирад:

- Стандартикунонии иқтидори бактериология ва ташхиси ҳассосияти зиддимикробӣ дар асоси меъёрҳои байналмиллалии EUCAST;
- Насби масс спектрометрҳои MALDI-TOF дар озмоишгоҳи миллии референсӣ ва озмоишгоҳҳои минтақавии интихобшуда бо мақсади коҳиши вақти ташхис;
- Баланд бардоштани иқтидор, инфрасохтор, таъмини сифат ва омӯзиш барои ташхиси муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ бо усулҳои молекулярӣ дар одамон дар нуктаҳои нозиротии интихобшудаи шабакаи миллии нозироти муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ (фаъолияти муштарак);
- Ташкили захираҳои буферии реактивҳо, шартномаҳои дуҷанҳдаи таҳвилӣ ва шартномаҳои нигоҳубини пешгирикунанда;
- Таъмини устувори кадрҳо тавассути омӯзиши мутахассисон, ҳавасмандгардонии нигоҳдории кадрҳо ва низоми роҳнамоӣ (менторинг);
- Татбиқи иқтидор барои гузаронидани санҷишҳои диски диффузионӣ дар сатҳи ноҳиявии Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ бо дастгирии низоми мураттаби ҷамъоварии намунаҳо, омӯзиш, таҳия ва татбиқи тартиботи стандартии амал, таъмини кафолати сифат, таҷҳизот ва маводҳои ташхиси;
- Навсозии дастурамалҳои миллии клиникӣ оид ба истифодаи антибиотикҳо дар кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва муассисаҳои беморхонагӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ.

b) Густариши иштироки озмоишгоҳҳои ташхисии вилоятӣ, шаҳрӣ ва хусусӣ дар назорати эпидемиологии миллӣ оид ба муқовимати зиддимикробӣ тавассути роҳҳои аккредитатсия, стандартикунонии расмиёти амалиётии стандартӣ ва ҳамгироии маълумоти таҳлили ҳассосияти зиддимикробӣ ба маҳзани миллии додаҳо ва низомҳои байналмилалии CAESAR/GLASS.

c) Ҳамбастагии иттилоот ва ҳамгироии рақамӣ:

- Қабули стандартҳои умумии иттилоот барои низомҳои WHONET / LIMS дар ҳама озмоишгоҳҳо, аз ҷумла дар муассисаҳои минтақавӣ;
- Таъмини мубодилаи рақамии иттилоот тавассути навиштаҳои API ё ETL ба маҳзани ягонаи миллии ҳамгирои муқовимати зиддимикробӣ / истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ, ки ба панелҳои иттилоотии воқеӣ имконият медиҳанд;
- Ташкили шабакаи байнисоҳавии назорати муқовимати зиддимикробӣ (фаъолияти муштарак). Татбиқи панели рақамии муқовимати доруҳои зиддимикробї барои сиёсатгузорон, табибон, байторон ва дар ҳолатҳои мувофиқ барои ҷомеа бо мақсади баланд бардоштани шаффофият ва дастгирии чорабиниҳои асосёфта ба далелҳо.

d) Назорати эпидемиологии аҳолии таҳти хавфи баланд буда:

Густариши мониторинги патогенҳо ва намунаҳои муқовимат дар гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла шӯъбаҳои эҳёгарии навзодон (ШЭН), шӯъбаҳои эҳёгарии кӯдакон (ШЭК), бахшҳои сепсиси навзодон, бахшҳои акушерӣ ва занони ҳомила, бо дарназардошти профилҳои таърихии хоси МЗМ-и онҳо. Беморхонаҳои дидбонӣ барои ин гурӯҳҳои демографӣ антибиограммаҳои алоҳида нигоҳ дошта, ҳисоботҳои солонаро ба низомҳои CAESAR/GLASS пешниҳод менамоянд.

**2. Назорати эпидемиологии истифодаи доруҳои зиддимикробӣ дар соҳаи тандурустӣ (ИДЗМ)**

- Ташкили низоми рақамии сабти маълумоти дорухонаҳо ва суғуртаи тиббӣ барои ҳисоб кардани вояи шабонарузи DDD/1000 аҳолӣ/рӯз ва намунаҳои истеъмоли дохилибеморхонавӣ;
- Ҷорӣ намудани дорухати рақами дар беморхонаҳои интихобшуда бо мақсади рақамикунонии таҳлили истифодаи доруҳои зиддимикробӣ (ИДЗМ) тибқи категорияи AWaRe;
- Гузаронидани тадқиқоти паҳншавии нуқтаи ҳар ду сол барои мониторинги амалияи таъиноти антибиотикҳо, муайян кардани бахшҳои дорои истеъмоли баланд (масалан, ҷарроҳӣ, бахшҳои эҳёгарӣ, педиатрия) ва муайян кардани сатҳи ибтидоии сарбории сироятҳои бо амалияи тиббӣ алоқаманд (САТА);
- Истифодаи натиҷаҳои тадқиқоти паҳншавии нуқтагӣ барои навсозии афзалиятҳои идоракунӣ ва давраҳои бознигарии дастурҳо.

**3. Назорати эпидемиологӣ дар соҳаи байторӣ ва занҷираи озуқа**

- Такмили иқтидор, инфрасохтор, кафолати сифат ва омӯзиш барои ташхиси муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ дар ҷорво дар доираи Шабакаи миллии назорати муқовимати зиддимикробӣ (фаъолияти муштарак);
- Такмили озмоишгоҳҳои байторӣ бо истифода аз дастурҳои ATLASS аз ФАО, бо таъмини стандартикунонии бактериология, ташхиси ҳассосияти зиддимикробӣ ва иштироки мунтазам дар барномаҳои арзёбии сифат;
- Истифодаи методологияи ANIMUSE аз СУСҲ барои ченкунии истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар соҳаи байторӣ;

- Тақвияти назорати эпидемиологӣ оид ба пасмондаҳои доруҳои зиддимикробӣ дар гӯшт, шир, тухм ва маҳсулоти обӣ;
- Афзалият додан ба мониторинги доруҳои зиддимикробии ҳаётан муҳим дар бахшҳои парандапарварӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ширӣ;
- Ташкили назорати фаъолонаи ибтидоӣ оид ба муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ дар асоси намунаи омории боэътимоди хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ.

**4. Назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ дар муҳити зист**

- Татбиқи густариши марҳилавии назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ дар обҳои партовӣ ва рӯизаминӣ, бо оғоз аз 3 нуқтаи шаҳр ва 3 нуқтаи деҳотӣ ва тавсеа ба нуқтаҳои иловагӣ то соли 2030.
- Ҷорӣ карадани мониторинги:
  - Оби партовӣ ва низомҳои корезии беморхонаҳо;
  - Партовҳои истеҳсолоти фармасевтӣ;
  - Обҳои партовии кишоварзӣ аз паррандапарварӣ, истеҳсоли шир ва боғдорӣ;
  - Обҳои партовии полигонҳо ва майдонҳои партовии шаҳрӣ.
- Интегратсияи маълумот оид ба муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ ва боқимондаи доруҳои зиддимикробӣ дар муҳити зист ба панелҳои миллии рақамии мониторинг ва арзёбии хавфҳо дар доираи равиши “Солимии ягона”;
- Таҳия намудани механизмҳои баҳисобгирӣ ва назорати моддаҳои кимиёвӣ, аз ҷумла доруҳои зиддимикробӣ ва пеститсидҳо, ки ба ташаккули муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ дар муҳити зист мусоидат менамоянд;
- Тақвият бахшидани иқтидори озмоишгоҳии бахши ҳифзи муҳити зист барои таъмин намудани мониторинги саривақтии мавҷудияти боқимондаҳои доруҳои зиддимикробӣ, микроорганизмҳои муқовиматнок ва генҳои муқовимат дар обҳои партов ва хок;
- Баланд бардоштани иқтидори кадрии мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои ҳифзи муҳити зист дар самти мониторинги муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ, аз ҷумла таҳия ва ҷорӣ намудани модулҳои таълимӣ барои нозирони экологӣ оид ба гирифтани намунаҳо аз обҳои партов ва хок, арзёбии омилҳои хавфи ташаккули муқовимат ва тафсири натиҷаҳои мониторинг;
- Таҳия намудани тартиботи стандартии амал ва дастурҳои методӣ оид ба муайян намудани боқимондаҳои доруҳои зиддимикробӣ, микроорганизмҳои муқовиматнок ва генҳои муқовимат дар объектҳои муҳити зист бо дарназардошти баланд бардоштани марҳилавии иқтидори кадрӣ ва озмоишгоҳӣ.

**5. Назорати худистифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар ҷомеъа**

- Гузаронидани лоиҳаи озмоишии назорати сатҳи ҷомеъа дар минтақаҳои алоҳида барои арзёбии истеъмоли ғайрирасмии антибиотикҳо, аз ҷумла харид бидуни дорухат, истифодаи доруҳои боқимонда дар амалияи худтабобаткунӣ;
- Ҷалби кормандони кӯмаки аввалияи тиббию санитари, ихтиёриёни ҷомеавии тандурустии ва дорухонаҳо барои гузоришдиҳӣ оид ба тамоюлҳои дархости антибиотикҳо ва истифодаи онҳо дар сатҳи тасодуфӣ;

- Истифодаи натиҷаҳои бадаст овардашуда ба стратегияҳои Иртиботи хавфҳо ва ҷалби ҷомеаҳо ва тадбирҳои ҷомеабунёди идоракунии истифодаи доруҳои зиддимикробӣ.

**6. Идоракунии иттилоот, ҳамбастагӣ ва ҷорӣ кардани маҳзани иттилоотии миллӣ**

- Таҳияи базаи маълумотҳои милли оид ба муқовимати зиддимикробӣ / истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар заминаи Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ва Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии омор ва маълумоти тиббии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо татбиқи марҳилавӣ ба таври зерин:
    - o **2027:** тархрезии низом, стандартҳои ҳамбастагӣ, пайвастшавӣ ба низоми WHONET/LIMS;
    - o **2028:** пайваст кардани ҳама беморхонаҳои дидбонгоҳӣ ва озмоишгоҳҳои байторӣ;
    - o **2029:** пайваст кардани озмоишгоҳҳои хусусӣ, озмоишгоҳҳои бехатарии озуқа, ва маконҳои мониторингии муҳити зист;
    - o **2030:** ҳамгироии пурраи соҳаҳои тандурустӣ, байторӣ, озуқа ва муҳити зист;
    - o **2030:** панели миллии оммавии муқовимати зиддимикробӣ амал мекунад.
- Таъмини таҳияи панелҳои рақамии аз тарафи Гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ ҳар семоҳа ва ҳисоботи миллии солонаи муқовимати зиддимикробӣ/ истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ, ки аз ҷараёнҳои муттаҳидшудаи маълумот бароварда мешаванд.

**7. Ҳамгироии мониторинги муқовимати зиддимикробӣ ва боқимондаҳои доруҳои зиддимикробӣ ба системаи миллии мониторинги муҳити зист**

- Пилотӣ намудани мониторинги обҳои партов дар объектҳои афзалиятнок (муассисаҳои тиббӣ, маҷмааҳои чорводорӣ, корхонаҳои фармасевтӣ) бо мақсади арзёбии мавҷудияти бақияҳои доруҳои зиддимикробӣ, микроорганизмҳои муқовиматнок ва генҳои муқовимат;
- Таҳия намудани меъёрҳо ва равишҳои методӣ барои ворид намудани нишондиҳандаҳои муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ ба низоми мавҷудаи мониторинги обҳои рӯизаминӣ ва хок, пеш аз ҳама дар минтақаҳои истеҳсолоти интенсивии кишоварзӣ;
- Гузаронидани арзёбии мақсаднокии ҳамгиро намудани ҷузъҳои мониторинги экологӣ оид ба муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ, аз ҷумла таҳлили филтрати полигонҳои партовҳои сахти маишӣ, ба низоми миллии назорати муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ дар доираи равиши «Солимии Ягона»;
- Ташаккул додани феҳристи миллии «нуқтаҳои доғи» экологӣ оид ба муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ дар асоси таҳлили байнисоҳавии маълумоти соҳаҳои тандурустӣ, байторӣ ва мониторинги муҳити зист.

**Натиҷаҳо**

- То соли 2028, 80,0% беморхонаҳои таъиншуда, озмоишгоҳҳои байторӣ, озмоишгоҳҳои бехатарии озуқа ва нуқтаҳои назорати эпидемиологии муҳити зист маълумоти ТҲЗМ ва МЗМ-ро ба платформаи миллӣ ва низомҳои CAESAR/GLASS пешниҳод намуда, ба меъёрҳои сифатии СУТ ҷавобгӯ мегарданд;
- То соли 2030, 70,0% беморхонаҳои вилоятӣ ва шаҳрӣ (берун аз шаҳри Душанбе), аз ҷумла озмоишгоҳҳои хусусӣ, ки ба меъёрҳои ҳадди ақали сифат ҷавобгӯ мебошанд, маълумоти ТҲЗМ/МЗМ-ро ба пойгоҳи миллии додаҳо ворид месозанд;
- То соли 2027 сатҳи ибтидоии истифодаи доруҳои зиддимикробӣ (ИДЗМ) дар тандурустӣ муайян гардида, то соли 2030 бо коҳиши 10,0% (DDD/1 000 аҳолӣ/рӯз) тавассути дорухатдиҳии рақамӣ ва натиҷаҳои ТНП мониторинг мешавад;
- То соли 2027 сатҳи ибтидоии истифодаи доруҳои зиддимикробӣ (ИДЗМ) дар соҳаи байторӣ (мг / кг вазн) тибқи методологияи ANIMUSE аз СУСҲ ҳисобот мешавад ва то соли 2030 бо коҳиши 15,0% таъмин мегардад;
- То соли 2027, 6 нуқтаи дидбонгоҳии назорати эпидемиологии муҳити зист оид ба обҳои партов ва рӯизаминӣ ҳисобот медиҳанд ва то соли 2030 фарогирӣ васеъ мегардад, аз ҷумла мониторинги обшӯии кишоварзӣ ва партовҳои дорусозӣ;
- Ҳар сол антибиограммаҳо барои бахшҳои ШЭН, ШЭК, бахшҳои навзодон ва бахшҳои акушерӣ таҳия шуда, тавсияҳои мушаххаси ПНС ва ИОДЗ пешниҳод мегарданд;
- Пойгоҳи додаҳои миллии пурра ҳамгиро оид ба муқовимати зиддимикробӣ/истифодабарии доруҳоли зиддимикробӣ то соли 2029 фаъол мегардад ва панелҳои рақами ҳар семоҳа ва ҳисоботи солона миллииро таъмин мекунад.

**Амалисоз:** Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ / Хадамоти назорати давлатии соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ), Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Самти стратегии II — Пешгирӣ ва назорати сироятҳо, обтаъминкуни санитария ва беҳдошт, ваксинатсия

**Ҳадафи 2.** Коҳиши сироятҳо ва интиқоли онҳо дар соҳаи тандурустӣ, хонаҳо, хоҷагиҳо ва занҷираи озуқа.

**Амалҳои асосӣ:**

**1. Тақвияти пешгири ва назорати сироят дар муассисаҳои тандурустӣ**

a) Татбиқи стандартҳои миллӣ оид ба пешгири ва назорати сироят ва обтаъминкуни санитария ва беҳдошт, инчунин ҷузъҳои асосии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба пешгири ва назорати сифат дар тамоми беморхонаҳои сатҳи сеюм, минтақавӣ ва ноҳиявӣ, аз ҷумла назорати мунтазам, арзёбиҳои солонаи пешгири ва назорати сироят ва ҷорӣ намудани стратегияҳои бисёрмодалии пешгири ва назорати сироят.

b) Тақвияти низомҳои назорати эпидемиологии сироятҳои марбут ба расонидани хизматрасониҳои тибби тавассути густариши мониторинги CLABSI, SSI, сепсиси

навзодон, илттиҳоби шуши вобаста ба таҷҳизоти нафасдиҳи ва дигар сироятҳои дохилибеморхонавии афзалиятнок дар 6 беморхонаи дидбонгоҳӣ то соли 2028, бо тавсеа ба муассисаҳои иловагӣ то соли 2030.

c) Ҷорӣ кардани протоколҳои скрининг ва ошкоркунии бармаҳали пешгири ва назорати сироят, аз ҷумла:

   - Саволномаҳои сохторӣ оид ба беҳдошти дастон, дониши сироятҳои марбут ба расонидани хизматрасониҳои тибби ва риояи протоколҳои пешгири ва назорати сироят;
   - Скрининги стандартии беморони дорои хатари баланд (масалан, тампонҳои ректалӣ барои Enterobacterales-и муқовиматнок ба карбапенемҳо, аз ҷумла штаммҳои истеҳсолкунандаи NDM-1, скрининги бинӣ барои MRSA ва ғайра);
   - Назорати истифодабарии таҷҳизоти тиббӣ, аз ҷумла истифодаи қабатҳои муҳофизатӣ барои таҷҳизоти эндоскопӣ, амалияи тамизгардонӣ ва риояи протоколҳои ташхиси микробиологӣ.

d) Тақвияти идоракунии пешгири ва назорати сироят дар беморхонаҳо тавассути такмили ҳамкориҳо байни:

   - Кумитаҳои пешгирии сироятҳо
   - Кумитаҳои доруворӣ ва муолиҷа (КДМ)
   - Гурӯҳҳои такмили сифат (ТС)
   - Кумитаҳои истифодабарии оқилонаи доруҳои зиддимикробї

   Ҳар як беморхона як ҳамоҳангсози пешгири ва назорати сироят таъин менамояд, ки масъули назорат, ҳисоботдиҳӣ, мониторинг ва арзёби, инчунин ҳамкорӣ бо Шӯроҳои пешгири ва назорати сироят дар сатҳи миллӣ ва вилоятӣ мебошад.

e) Тақвияти иқтидори мониторинг ва арзёбӣ дар муассисаҳои тиббӣ тавассути ҳамгиро намудани нишондиҳандаҳои пешгири ва назорати сироят ба барномаи таълимии пешгири ва назорати сироят, аз ҷумла ҷамъоварии маълумот, давраҳои аудит, рӯйхатҳои санҷиши назоратӣ, ҳисоботдиҳии САТА ва пайгирии буҷетӣ/молиявӣ барои таъминоти пешгири ва назорати сироят.

**2. Тақвияти пешгири ва назорати сироят, обтаъминкуни санитария ва беҳдошт, ва иммунизасия дар шабакаи кӯмаки аввалияи тиббии санитарӣ ва ҷомеа**

a) Густариши беҳбудиҳои обтаъминкуни санитария ва беҳдошт дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббии санитарӣ ва марказҳои саломатии деҳот, таваҷҷуҳ ба беҳдошти даст, санитарияи фаъол, идоракунии бехатари партовҳо, таъминоти боэътимоди об ва тозакунии муҳит;

b) Татбиқи Дастурамалҳои миллӣ оид ба беҳдошти дастон дар муҳити ҷомеа (2025) дар хонаводаҳо, мактабҳо, бозорҳо ва марказҳои нақлиётӣ;

c) Ҳамгироии ваксинатсия бо барномаҳои пешгири ва назорати сироят ва обтаъминкуни санитария ва беҳдошт, бо тамаркуз ба ваксинаҳои иловагӣ (масалан, зидди пневмококк, Hib, сулфакабутак, сурхак) барои коҳиши сироятҳое, ки бо антибиотикҳо пешгирӣ мешаванд;

d) Муайян кардани барвақти хавфҳои рафторӣ тавассути пурсиши аҳолӣ, ки истифодаи нодурусти доруҳои зиддимикробӣ, камбудиҳои гигиенӣ ва рафтори марбут ба хатари сироятро арзёбӣ мекунанд;
e) Барномаҳои мактабӣ оид ба пешгири ва назорати сироят ва обтаъминкуни санитария ва беҳдошт, аз ҷумла татбиқи стандартҳои нави обтаъминкуни санитария ва беҳдошт дар мактабҳо, клубҳои беҳдошт ва беҳбуди идоракунии партовҳо.

**3. Назорати сироятҳои байторӣ ва бехатарии биологӣ дар соҳаи чорводорӣ**

a) Ҷорӣ кардани нишондиҳандаҳои пешгири ва назорати сироят дар соҳаи байторӣ барои хоҷагиҳои чорводорӣ ва муассисаҳои байторӣ, аз ҷумла:
   - чораҳои амнияти биологӣ;
   - идоракунии партовҳои соҳаи ҳайвонот;
   - ҷудо кардани ҳайвоноти бемор;
   - протоколҳои тозакунӣ ва безараргардонӣ;
   - барномаҳои эмгузаронӣ.

b) Омӯзиши васеъ оид ба пешгири ва назорати бемориҳо дар сатҳи хоҷагиҳо ва ҷорӣ намудани бастаҳои ҳифзи биологӣ тавассути мактабҳои саҳроии деҳқонон;
c) Тақвияти беҳдошт ва идоракунии партовҳо дар корхонаҳои забҳ, занҷирҳои хунук ва бозорҳои ҳайвоноти зинда, мутобиқ ба меъёрҳои миллӣ оид ба бехатарии озуқа.

**4. Бехатарии озуқа ва сертификасияи маҳсулот бидуни доруҳои зиддимикробӣ**

a) Татбиқи стандартҳои таҳлили хавфҳо ва нуқтаҳои назоратии муҳимро дар корхонаҳои коркарди хӯрокворӣ ва бозорҳои хавфнок тақвият дода, мутобиқатӣ онҳоро ба системаҳои сертификатсияи мақомоти танзимкунандаи миллӣ наъмин намояд.
b) Татбиқи тарибавии низоми сертификатсия оид ба набудани доруҳои зиддимикробӣ барои истеҳсолкунандагони алоҳидаи хӯрокворӣ (масалан, парранда, маҳсулоти ширӣ) бо мақсади ҳавасмандгардонии риояи меъёрҳо, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва коҳиш додани хатари муқовимати зиддимикробӣ дар тамоми занҷири ғизо.
c) Пурзур намудани назорати эпидемиологии боқимондаи доруҳои зиддимикробӣ дар маҳсулоти озуқа, пайвасти натиҷаҳо ба сертификасия, татбиқи танзимгарой, ва муҷозот, тибқи зарурият.

**5. Тақвияти идоракунӣ, ҳамкорӣ ва мубодилаи дониш**

a) Таъсиси ҳамкории расмӣ байни Шӯроҳои назорати сироят марбут ба хизматрасонии тиббӣ, комиссияи табобати сироятҳо, комиссияи сифат ва мақомоти миллии барои пешгири ва назорати сироят масъул.
b) Беҳтар кардани тартиби ҳисоботдиҳӣ байни воҳидҳои пешгири ва назорати сирояти беморхонаҳо, Гурӯҳи миллии ҳамоҳангсозии пешгири ва назорати сироят ва низоми миллии "Солимии ягона" оид ба муқовимати зиддимикробӣ ва Гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ.
c) Таҳияи омӯзишҳои ҳолатии пешгири ва назорати сироят ва платформаҳои омӯзишӣ, ки ба беморхонаҳо ва марказҳои кумаки аввалияи тиббии санитари

имкон медиҳанд таҷрибаҳои худро оид ба татбиқи стратегияҳои бисёрмодалии пешгири ва назорати сироят, тадбирҳои коҳиши САТА ва амалияҳои беҳтарини обтаъминкуни санитария ва беҳдошт мубодила намоянд.

d) Дар 2–3 муассисаҳои сатҳи миллӣ ва муассисаҳои қумаки аввалияи тиббии санатираи, ҳуҷҷатгузорӣ ва стандартикунонии сохтори идоракунии пешгири ва назорати сироят бо фарогирии ҳамоҳангсозони пешгири ва назорати сироят, нақшҳои кумитаҳо, механизмҳои назорат ва диаграммаҳои роҳнамо барои роҳнамоии густариши миллӣ.

**6. Риояи дастурҳои миллӣ оид ба пешгири ва назорати сироятҳо ва дастурҳои клиникӣ**

a) Мутобиқатии пурраи татбиқи Самти стратегии II, бо:
  - Нақшаи амалии миллии пешгири ва назорати сироят;
  - Харитаи роҳи миллии обтаъминкуни санитария ва беҳдошт дар муассисаҳои тандурустӣ;
  - Барномаи миллии иммунизатсия;
  - Роҳнамоҳои миллии клиникӣ ваа протоколҳои стандартии муолиҷавӣ;
  - Афзалиятҳои назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ аз Самти стратегии I.

b) Ҳамгиро намудани маълумоти пешгири ва назорати сироят ва САТА бо ҷараёнҳои додаҳои муқовимати зиддимикробӣ, бо таъмини имконияти татбиқи мудохилаҳои ҳадафманд дар бахшҳое, ки сатҳи баланди муқовимати зиддимикробӣ ё сарбории баланди сироят доранд.

**Натиҷаҳо**

- То соли 2029, 90,0% беморхонаҳо ва муассисаҳои кумаки аввалияи тиббии санитари дорои кумитаҳои фаъол ва протоколҳои пешгири ва назорати сироят мегарданд;
- То соли 2030, сатҳи САТА дар беморхонаҳои дидбонгоҳӣ бо коҳиши 20,0% таъмин мешавад, ки бар асоси густариши назорати эпидемиологии CLABSI, SSI, VAP, сепсиси навзодон ва сироятҳои акушерӣ амалӣ мегардад.
- Такмили обтаъминкуни санитария ва беҳдошт дар муассисаҳои кумаки аввалияи тиббии санитари:
  - То соли 2027, ≥70,0% муассисаҳои кумаки аввалияи тиббии санитари, ки дорои 0 андозагирии асосии обтаъминкуни санитария ва беҳдошт мебошанд, ба сатҳи асосӣ дар ≥1 андозагирӣ мерасанд;
  - То соли 2028, 50,0% муассисаҳои кумаки аввалияи тиббии санитари, ки дорои 1–2 андозагирии асосӣ мебошанд, ба сатҳи асосӣ дар ≥3 андозагирӣ мерасанд;
  - То соли 2030, 80,0% муассисаҳои кумаки аввалияи тиббии санитари, ки дорои 0–2 андозагирии асосӣ мебошанд, ба сатҳи асосӣ дар ≥3 андозагирӣ мерасанд;
  - То соли 2030, ≥80,0% ҳамаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббии санитари сатҳи асосиро дар ҳамаи 5 андозагирии обтаъминкуни санитария ва беҳдошт таъмин менамоянд.

- Мактабҳо: то 2029 сол, ≥80,0% дорои протоколҳои амалкунандаи беҳдошт, санитария ва идоракунии партов мешаванд.
- Корхонаҳои коркарди озуқа: То соли 2030, ≥50 корхонаҳои коркарди маҳсулоти озуқаворӣ бо сертификати HACCP таъмин мегарданд, бо ҷалби истеҳсолкунандагони интихобшуда барои озмоиши пилотии низоми сертификатсияи "аз антибиотик озод".
- Пешгири ва назорати сироят дар байторӣ:
  - То соли 2029, ≥60.0% хоҷагиҳои бузурги чорводорӣ ва ≥50,0% муассисаҳои байторӣ ба нишондиҳандаҳои миллӣ оид ба пешгири ва назорати сироят ҷавобгӯ мегарданд;
  - То соли 2030, ≥75.0% муассисаҳои мазкур риояи пурраи меъёрҳоро таъмин менамоянд.
- **Ошкоркунии бармаҳал:** Татбиқи солонаи протоколҳои скрининг барои беморони дорои хатари баланд (масалан, NDM-1, MRSA), бо ҳамгироии амалияҳои стандартишуда ба дастурамалҳои миллӣ оид ба пешгири ва назорати сироят.
- **Идоракунӣ / мубодилаи дониш:** То соли 2029, ≥80,0% беморхонаҳои сатҳи олӣ механизмҳои ҳамкории функсионалӣ байни Шӯроҳои ПНС, КДМ ва Кумитаҳои ТС-ро таъмин менамоянд.

**Амалисоз:** Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ислоҳот, кумаки аввалияи тиббии санитари ва робитаҳои байналмиллалӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (мактабҳо), Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ФАО

## Самти стратегии III — Дастраси ва барномаҳои идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ

**Ҳадафи 3.** Институтсионализатсияи барномаҳои идоракунии истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар низомҳои тандурустии ва байторӣ, бо таъмини дастрасии баробар ба доруҳоии зиддимикробии босифат ва воситаҳои асосии ташхисӣ

**Амалҳои асоси:**

**1. Идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ дар тандурустӣ (соҳаи беморхонавӣ)**

a) Ташкили кумитаҳои идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ дар ҳамаи беморхонаҳои миллӣ / ҷумҳуриявӣ то соли 2027 ва дар 50,0% беморхонаҳои минтақавӣ/ноҳиявӣ то соли 2029, бо густариш то 70,0% то соли 2030;

b) Омӯзиши 80,0% табибон, дорусозон, ҳамшираҳои тиббӣ ва микробиологҳо дар беморхонаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ оид ба принсипҳои истифодабарии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ, истифодаи оқилонаи антибиотикҳо ва тафсири додаҳои ташхиси ҳасосияти доруҳои зиддимикробӣ/антибиограмма;

c) Навсозии дастурамалҳои миллии стандартии табобат дар сатҳи миллӣ ва муассисавӣ бо истифода аз додаҳои нав ва меъёрҳои истифодабарии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ:

- o Таснифоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба“AWaRe”
- o Китоби антибиотикҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ
- o Дастурамалҳои клиникии Маркази байнамиллалии микробиологи (ESCMID)
- o Дастурамаали таъинот ва истифодаи антибиотикҳо аз Маркази назорат ва пешгирии сироятҳо
- o Антибиотикограммаи маҳаллӣ (аз ҷумла ШЭН/ШЭК ва профили акушерӣ)

d) Ҳамоҳангсозии фармуляриҳои миллӣ ва беморхонавӣ бо таснифоти «AWaRe” ва ҷорӣ намудани сиёсати маҳдудкунанда барои антибиотикҳои гурӯҳҳои Назоратӣ/Захиравӣ;
e) Густариши лоиҳаи таҷрибавии дорухати электронӣ (2026–2028) ба ҳамаи беморхонаҳои ҷумҳуриявӣ, бо пайвастшавӣ ба воситаҳои дастгирии қарор, маҳдудиятҳои формулярӣ, огоҳии аллергияи беморон ва панелҳои воқеии ИОДЗ;
f) Ҳамгироии истифодабарии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ бо пешгири ва назорати сироят ва низомҳои озмоишгоҳӣ, бо таъмини давраҳои бозгашт байни табибон ва микробиологҳо барои дастгирии дорухатдиҳии аз далелҳо асосёфта.

**2. Идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ дар муассисаҳои сатҳи кӯмаки аввалияи тиббии санитарӣ ва марказҳои саломатии деҳот**

a) Тақвияти амалияҳои таъиноти доруворӣ дар сатҳи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббии санитарӣ тавассути таҳия ва ҷорӣ кардани:

- o Таҳия ва ҷорӣ намудани воситаҳои дастгирии қабули қарорҳои клиникӣ барои сироятҳои шадиди вирусии роҳҳои нафас, бемориҳои дарунравӣ ва ҳолатҳои таби кӯдакона;
- o Протоколҳои таъини батаъхирафтодаи антибиотикҳо;
- o Алгоритмҳои ҷабаҷогузории беморон дар асоси нишонаҳо, бо инобати холати ваксинатсия ва вазъи ғизо (хусусан барои кӯдакони то 5-сола);
- o Воситаҳои таҳлили фаврии ташхисӣ тибқи зарурият (масъалан, CCP, таҳлили фаври барои стрептококк).

b) Густариши мудохилаҳои идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ дар муассисаҳои деҳотии кумаки аввалияи тиббии санитари тавассути:

- o Машварати зиддимикробӣ таҳти роҳбаладии дорусоз;
- o Татбиқи фуруш танҳо дар асоси дорухат дар дорухонаҳои деҳот;
- o Ҳамгироии маводҳои идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ ба маводҳои вобаста ба маърифати аҳолӣ ва барномаҳои ҳифзи солимии модару кӯдак.

c) Тақвияти стратегияҳои пешгирӣ дар сатҳи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббии санитарӣ барои коҳиши талабот барои антибиотикҳо:

- o Барномаҳои ғизо барои навзодон ва занони ҳомила;
- o Маъракаҳои иловагии ваксинатсия;
- o Такмили обтаъминкуни санитария ва беҳдошт дар якҷояги бо баланд бардоштани маърифати беҳдошт.

d) Муқаррар кардани ҳадафҳо барои сатҳи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббии санитари:

- o То соли 2029, на камтар аз 60,0% муассисаҳи кумаки аввалияи тиббии санитарии воситаҳои дастгирии қарорро ҷорӣ менамоянд;
- o То соли 2030, коҳиши 40,0%-и таъиноти беасоси антибиотикҳо барои сироятҳои шадиди вирусии роҳҳои нафас дар ноҳияҳои пилотӣ таъмин мегардад.

**3. Идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ дар соҳаи байторӣ ва ҳамгироии равиши "Солимии ягона"**

a) Ҷорӣ намудани қоидаҳои дорухатдиҳӣ танҳо бо таъинот барои доруҳои зиддимикробии ҳаётан муҳим дар соҳаи байторӣ ва таъмини ҷорисозии марҳила ба марҳилаи маҳдудиятҳо барои истифодаи доруҳои зиддимикробӣ ҳамчун стимуляторҳои афзоиш.

b) Ҷорӣ кардани низомҳои рақамии ҳисоботгузории истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ, ки барои сабти маълумоти зерин мусоидат мекунанд:

- o Таъиноти дору аз руи намуд, навъ ва нишондод;
- o Истифодаи доруҳои зиддимикробии ҳаётан муҳим дар соҳаи байторӣ;
- o Риояи мӯҳлатҳои бозпасгирӣ;
- o Кам кардани истифодаи стимуляторҳои афзоиш.

Ин нишондиҳандаҳо бо пойгоҳи миллии маълумот оид ба муқовимати зиддимикробӣ ва истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ, инчунин бо ҳисоботдиҳии Созмони умумиҷаҳонии солимии ҳайвонот дар доираи низоми ANIMUSE алоқаманд хоҳанд буд.

c) Тақвият бахшидани идоракунии оқилона дар сатҳи хоҷагӣ тавассути густариши бастаҳои бехатарӣ/амнияти биологӣ дастгиришудаи ФАО ва омӯзиши истеҳсолкунандагон дар бахшҳои паррандапарварӣ, ширӣ ва зироатҳои обӣ.

d) Ташкили механизмҳои ҳавасмандгардонӣ барои риояи меъёрҳо, аз ҷумла ҳуқуқ ба гирифтани сертификати "аз анбиотик озод" (нигаред ба Самти стратегии II) ва афзалиятҳои дастрасӣ ба бозор барои истеҳсолкунандагони риоякунанда.

**4. Кафолати сифат ва маҳсулоти пастсифат / қалбакӣ (ПСҚ)**

a) Тақвият бахшидани назорати эпидемиологӣ дар бозор, аз ҷумла санҷиши сатҳи баставӣ, баҳодиҳии нуқтаҳои чакана ва рейдҳои ҳадафноки даврӣ барои ошкор намудани доруҳои зиддимикробии пастсифат ё қалбакӣ;

b) Густариш додани санҷиши сифати доруҳои зиддимикробӣ пас аз бақайдгирӣ, ҳам барои истифодаи тиббӣ ва ҳам байторӣ, бо таъмини мувофиқат ба тавсияҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба назорати сифати маҳсулоти тиббӣ;

c) Тақвият бахшидани ҳамкории фаромарзӣ бо Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирии воридоти ғайриқонунии зиддимикробҳо / савдои бедорухат ва таъмини огоҳии фаврӣ оид ба маҳсулоти пастсифат ва қалбақӣ.

**Ҷадвали натиҷаҳо:**

**1. Таъсиси кумитаи миллӣ ва стандартҳои идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ (2026 с.)**

- Такмил додани дастурамалҳои миллии идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ, расмиёти стандартии амалиётӣ ва стандартҳои ҳадди ақал барои беморхонаҳо ва кумаки аввалияи тиббии санитарӣ;
- Таҳияи фармони вазоратӣ оид ба ҳатмӣ кардани идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ дар беморхонаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ;
- Таҳияи воситаҳои стандартишудаи омодагӣ ва мониторинги идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ.

**2. Гузаронидани арзёбиҳои заминавии идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ (2026 г.)**

- Арзёбии сохторҳои идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ, иқтидори озмоишгоҳӣ, намунаҳои дорухатдиҳӣ ва низомҳои додаҳои идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ дар ҳамаи беморхонаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ;
- Таснифоти муассисаҳо ба сатҳҳои омодагӣ барои татбиқи марҳилавӣ.

**3. Таъсиси гурӯҳҳои институсионалии идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ (солҳои 2026–2027)**

- Ташкили кумитаҳои идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ дар ҳамаи беморхонаҳои ҳадафнок бо узвияти бисёрсоҳа;
- Татбиқи модулҳои омӯзишии миллӣ оид ба идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ барои беморхонаҳо ва муассисаҳои сатҳи кумаки аввалияи тиббии санитарӣ;
- Љорисозии моделҳои мураббигӣ, ки беморхонаҳоро бо фарохмаҷрои баланд бо муассисаҳои дорои захираҳои камтар мепайвандад.

**4. Тақвияти ташхис ва ҳисоботдиҳӣ (солҳои 2026–2029)**

- Такмил додани озмоишгоҳҳои микробиологӣ барои беҳтар намудани иқтидори фарҳанг/ташхиси ҳасосияти доруҳои зиддимикробӣ;
- Густариш додани дастраси ба истифодаи MALDI-TOF дар марказҳои минтақавӣ, дар ҷойҳое, ки имконият доранд;
- Татбиқи воситаҳои рақамии ҳисоботдиҳии муқовимати зиддимикробӣ/идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ бо ҳамгироӣ ба WHONET ва пойгоҳи додаҳои миллии муқовимати зиддимикробӣ;
- Таъмини таҳлилҳои мунтазами истифодаи антибиотикҳо (бо таснифоти AWaRe) дар сатҳи беморхонаҳо ва муассисаҳои сатҳи кумаки аввалияи тиббии санитарӣ.

**5. Татбиқи марҳила ба марҳилаи интервенсияҳои идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ (солҳои 2026–2029)**

- Марҳилаи I (2026–2027): Ҳамаи беморхонаҳои ҷумҳуриявӣ чорабиниҳои асосии идоракунии оқилона доруҳои зиддимикробиро татбиқ менамоянд;
- Марҳилаи II (2027–2028): 50% беморхонаҳои минтақавӣ чорабиниҳои асосии идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробиро амалӣ месозанд;

- Марҳилаи III (2028–2029): Густариш ба беморхонаҳои минтақавии боқимонда бо мониторинги риояи меъёрҳо.

**6. Гузаронидани мониторинг, арзёбӣ ва сертификатсияи самаранокии идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ (солҳои 2027–2030)**

- Гузаронидани аудитҳои солонаи идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ бо истифода аз корти миллии баҳодиҳӣ (беморхонаҳо + муассисаҳои сатҳи кумаки аввалияи тибби санитарӣ);
- Сертификатсияи барномаҳои амалкунандаи идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ;
- Таҳияи нақшаҳои дастгирӣ ва ислоҳ барои муассисаҳои дорои нишондиҳандаҳои паст;
- Арзёбии таъсири дорухатдиҳии электронӣ ба тамоюлҳои истифодаи антибиотикҳо.

**7. Устуворнокии идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ тавассути маблағгузорӣ ва ҳамгироӣ (солҳои 2028–2030)**

- Ҳамгиро намудани идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ ба буҷетҳои беморхонаҳо ва муассисаҳои сатҳи кумаки аввалияи тиббии санитари, инчунин ба низоми маблағгузории асосёфта ба натиҷаҳо;
- Ҷойгир намудани нишондиҳандаҳои идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ дар аккредитатсия, иҷозатномадиҳӣ ва идоракунии клиникии мунтазам;
- Пайваст намудани риояи идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ ба ҳавасмандгардонии сатҳи муассиса ва натиҷаҳои санҷиш.

**Натиҷаҳо:**

- То соли 2029, 100,0% беморхонаҳои ҷумҳуриявӣ ва 50,0% беморхонаҳои минтақавӣ / вилоятӣ барномаҳои амалкунандаи идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ доранд, ки то соли 2030 ба 70,0% густариш меёбад;
- То соли 2029, 60,0% истифодаи умумии антибиотикҳо дар ноҳияҳои таҷрибавӣ аз гурӯҳи Дастраси таснифоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ AWaRe таъмин мегардад;
- То соли 2030, санҷишҳои фаврии ташхисӣ дар на камтар аз 50,0% муассисаҳои сатҳи кумаки аввалияи тиббии санитари дар ноҳияҳои таҷрибавӣ дастрас мешаванд;
- То соли 2030, шумораи ҳолатҳои таъини беасоси антибиотикҳо ҳангоми сироятҳои шадиди вирусии роҳҳои нафас дар ноҳияҳои таҷрибавии муассисаҳои сатҳт кумаки аввалияи тиббию санитарӣ то 40% коҳиш дода мешавад;
- Байторӣ: то соли 2030, коҳиши додани то 50,0% истифодаи доруҳои зиддимикроби ҳамчун стимуляторҳои афзоиши ва 100,0% риояи ҳисоботдиҳӣ барои доруҳои зиддимикробии ҳаётан муҳим дар низомҳои рақамии истифодабарии доруҳои зиддимикробии байторӣ таъмин мегардад;

- То соли 2029, ҳамаи додаҳои дорухатдиҳии электронӣ ба пойгоҳи додаҳои миллӣ оид ба муқовимати зиддимикробӣ/истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ пайваст карда мешаванд, бо тахтаҳои назорати сифат дар ҳар семоҳа.

**Масъулон:** Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## САМТИ СТРАТЕГИИ IV — ҚОНУНГУЗОРӢ, ТАНЗИМ ВА ХАРИДОРӢ

**Ҳадафи 4.** Муосирсозӣ, татбиқ ва мониторинги қоидаҳои истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ бо мақсади пешгирии истифодаи нодуруст, ҳифзи сифат ва таъмини ҳифзи саломатии ҷамъиятӣ, солимии ҳайвонот ва бехатарии озуқа.

**Амалҳои асосӣ**

1. Тақвияти қонунгузории дорувории барои самтҳои тандурустӣ ва байторӣ

- Натиҷаҳои татбиқи Харитаи миллии роҳ ва нақшаи амалисозии муқовимат ба доруҳои зиддимикробӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030-ро баррасӣ намуда, Стратегияи миллии муқовимати доруҳои зиддимикробиро барои Нақшаи миллии стратегии тандурустӣ барои солҳои 2030–2040 таҳия кардан ва инчунин Нақшаи миллии бисёрсоҳаии роҳ оид ба муқовимати доруҳои зиддимикробиро барои давраи солҳои 2030–2033 таҳия намудан (фаъолияти муштарак);
- Баррасии ҳамаҷонибаи қоидаҳо ва меъёрҳои амалкунандаи таъйинот, тақсимот ва истифодаи антибиотикҳо, ки ба такмили танзими миллии истифодаи доруҳои зиддимикробӣ дар соҳаи тандурустии инсон ва ҳайвонот мусоидат менамояд (фаъолияти муштарак);
- Навсозии қонунгузории дар соҳаи тандурустӣ ва байторӣ оид ба доруҳои зиддимикробӣ бо муқаррар намудани дастрасӣ танҳо бо дорухат, танзими фурӯши тариқи сомонаҳои интернетӣ ва фуруш бидуни дорухат, инчунин талаботи ҳатмии нигоҳдории сабтҳои истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар хоҷагиҳои чорводорӣ;
- Муайян намудани оқибатҳои дақиқи ҳуқуқӣ барои риоя накардани талабот, аз ҷумла таҳримҳои прогрессивӣ, ба монанди ҷаримаҳо, боздоштани амали иҷозатнома ва бекор кардани иҷозатномаҳои фаъолият барои вайронкунандагони ашаддӣ;
- Таъсиси масъулиятҳои муштараки танзимкунанда байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бозрасиҳои байторӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- Таҳияи принсипҳои роҳнамо оид ба таъмини риояи қоидаҳо дар ҳамкори бо дорусозон, байторон, чаканафурӯшони бахши хусусӣ ва ассотсиатсияи истеҳсолкунандагон барои таъмини татбиқи амалӣ.

**2. Таъмини иҷрои манъи фурӯши доруҳои зиддимикробӣ бидуни дорухат, фурӯш дар сомонаи интернетӣ ва бозорҳои танзимнашуда**

- Ҷорӣ кардани механизмҳои танзимгароии қонунӣ, аз ҷумла:
  - Назорати мунтазами дорухонаҳо, чаканафурӯшони байторӣ ва мағозаҳои хӯроки чорво;
  - Санҷишҳои махфи оид ба назорати риояи меъёрҳо;
  - Аудитҳои тасодуфии шабакаҳои интернети ва бозорҳои шабакаҳои иҷтимоӣ;
  - Санҷиши эътибори дорухатҳои байторӣ ҳангоми инспексияҳои хоҷагӣ.
- Оғози маъракаҳои татбиқи ҳадафманд дар ноҳияҳои хавфнок (масалан, минтақаҳои марзӣ, минтақаҳои дорои зичии баланди чорво ва марказҳои шаҳрӣ бо нақшаҳои савдои бидуни дорухат), бо густариши минбаъда дар сатҳи миллӣ;
- Ифтитоҳи маъракаи миллӣ барои огоҳ намудани дорусозон, байторон ва аҳолии умумӣ дар бораи талаботи нави ҳуқуқӣ ва оқибатҳои риоя накардан.

**3. Тақвияти харидорӣ, кафолати сифат ва назорати сарҳадӣ**

- Муосирсозии низомҳои хариди давлатӣ барои маводи зиддимикробии соҳаҳои тандурустӣ ва байторӣ тавассути татбиқи пешақвали ҳатмии таъминкунандагон, мутобиқат ба Амалияҳои муносиби истеҳсолӣ ва интиқол (GMP/GDP) ва санҷиши сифат дар ҳар силсила;
- Тақвият бахшидани тартиботи назорати марзӣ ва ҳамкории фаромарзӣ барои ошкор намудани воридоти ғайриқонунӣ, доруҳои зиддимикроби байтории нодуруст тамғагузоришуда ва маҳсулоти пастсифат/қалбакӣ;
- Таҳияи механизмҳои огоҳии фаврӣ ва бозпасгирӣ бо иштироки Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои назоратии минтақавӣ;
- Ҷорӣ намудани аудитҳои солонаи сифат барои яклухтфурӯшон, воридкунандагон ва тақсимкунандагони доруҳои байторӣ.

**4. Пайгирии рақамӣ ва тасдиқоти маҳсулот**

- Татбиқи таҷрибавии низоми рақамии пайгирӣ дар ноҳияҳои хавфашон баланд (масъалан, Душанбе, вилоятҳои Суғд ва Хатлон), ки аз зерин иборат аст:
  - Тасдиқи маҳсулот бо истифода аз рамзи кюар (QR),
  - Паййгирии электронии бастаҳо аз иттилооти воридот то нуқтаи фурӯш,
  - Монитринги ҳаҷми савдои антибиотикҳо аз гурӯҳи Назоратӣ / Захиравӣ.
- Ҳамгиро намудани додаҳои пайгирӣ бо пойгоҳи додаҳои миллӣ оид ба муқовимати зиддимикробӣ/истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ ва панелҳои идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ;
- Густариши татбиқ дар сатҳи миллӣ то соли 2030, бо фарогирии ҳамаи доруҳои зиддимикроби барои истифода дар соҳаи тандурустӣ ва байторӣ.

**5. Мувофиқакунӣ бо стандартҳои савдои байналмиллалӣ, бехатарии озуқа ва байторӣ**

- Ҳамоҳангсозии қоидаҳои миллӣ оид ба байторӣ ва бехатарии озуқа бо СУСҲ, Кодекс Алиментариус, ЧСФ (Чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ) ва дастурҳои ФАО/СУТ;
- Татбиқи арзёбиҳои мунтазами риояи меъёрҳо дар байни истеҳсолкунандагони парандапарварӣ, ширӣ ва аквакультура, бо роҳҳои сертификатсия барои фаъолияти мутобиқ;
- Тақвият бахшидани ҳамоҳангӣ байни Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти бехатарии озуқа ва инспексияҳои байторӣ барои муттаҳид намудани назорат ва татбиқи меъёрҳо.

**Натиҷаҳо**

Заминаҳои қонунӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ

- То соли 2027, қонунгузории миллӣ оид ба доруҳои зиддимикроби барои бахшҳои тандурустӣ ва байторӣ бозбинӣ ва қабул карда мешавад, бо ҳамгироии истифода танҳо бо дорухат, назорати воридот / фурӯш ва сабти ҳатмии истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар хоҷагиҳо;
- То соли 2027, дастурамалҳои татбиқ ва сохторҳои муҷозотӣ ба расмият дароварда ва паҳн карда мешаванд.

Назорати савдои бидуни дорухат ва онлайн

- Назорати савдои бидуни дорухат ва онлайн, ки ҳадди ақалл дар 6 ноҳияи хавфаш баланд то соли 2028 амалӣ шуда, давраҳои санҷиши сохториро дар бар мегирад.
- То соли 2030, қоидаҳои дастрасӣ танҳо бо дорухат дар саросари кишвар татбиқ мешаванд, бо гузоришҳои солонаи риоя ва натиҷаҳои санҷишҳои нашршуда.

Харидорӣ ва каофолаати сифат

- То соли 2028, 70,0% хариди давлатӣ дар бахшҳои тандурустии ҷамъиятӣ ва байторӣ тибқи меъёрҳои навсозишудаи кафолати сифат, бо пешақвали таъминкунандагон анҷом дода мешавад;
- То соли 2027, инспексияи миллӣ омӯзонида ва бо захираҳо таъмин карда мешавад барои ошкор ва хориҷ намудани маҳсулоти пастсифат ва қалбаки;
- Аз соли 2028, гузоришҳои солонаи миллӣ оид ба ошкор намудани маҳсулоти пастсифат ва қалбаки нашр карда мешаванд.

Пайгирии рақамӣ

- То соли 2027, лоиҳаи таҷрибавии пайгирии рақамӣ дар ноҳияҳои хавфнок оғоз мегардад;
- То соли 2030, густариши пайгирии электронӣ ва санҷиши маҳсулот дар сатҳи миллӣ барои ҳамаи маводҳои зиддимикробии воридотӣ ва маҳаллӣ татбиқ мешавад.

Танзими истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар соҳаи байторӣ

- То соли 2028, ҳамаи хоҷагиҳои иҷозатномадор, дорухонаҳои байторӣ ва мағозаҳои хӯроки чорво сабтҳои стандартии истифодаи зиддимикробҳоро нигоҳ медоранд, ки барои мақомоти танзимкунанда дастрас мебошанд;
- То соли 2030, ҳамоҳангии пурраи қоидаҳои байторӣ ва бехатарии озуқа бо меъёрҳои СУСҲ таъмин мегардад.

**Масъулон:** Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқаворӣии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## САМТИ СТРАТЕГИИ 5 — ОГАҲӢ, ИЛМ ВА ТАҒЙИРОТИ РАФТОР

**Ҳадафи 5.** Тағйир додани меъёрҳои ҷамъиятӣ, касбӣ ва ҷомеа ба самти истифодаи мақсадноки доруҳои зиддимикроби тавассути иртиботи устувор, омӯзиш ва машқҳои аз далелҳо асосёфта.

**Амалҳои асосӣ**

**1.** Маъракаҳои огаҳӣ ва иртиботи миллӣ

- Гузаронидани маъракаҳои солонаи Ҳафтаи ҷаҳонии огоҳӣ оид ба дуруст истифодабарии доруҳои зиддимикроби (WAAW) бо паёмҳои ягона дар бахшҳои тандурустӣ, байторӣ, кишоварзӣ, бехатарии озуқа ва муҳити зист;
- Тавсиф намудани намунаҳо ва рафторҳои истифодаи доруҳои зиддимикробӣ, инчунин миқдорӣ арзёбӣ намудани истеъмоли умумии антибиотикҳо дар хоҷагиҳои калони паррандапарварӣ ва чорводории ширӣ бо мақсади дастгирии таҳияи заминаи миллии мониторинг ва ҳисоботдиҳии истифодаи доруҳои зиддимикробӣ дар соҳаи чорводорӣ;
- Таҳияи бастаҳои иртиботии ҳадафманд барои гурӯҳҳои хавфнок, аз ҷумла:
    - кормандони тандурустӣ (мутахассисони клиникӣ, дорусозӣ, байторӣ ва озмоишгоҳӣ)
    - деҳқонон ва истеҳсолкунандагони чорводорӣ
    - савдогарони ғайрирасмии доруворӣ ва дорухонаҳои деҳот
    - ҷавонон, донишҷӯён ва омӯзгорон
    - занони ҳомиладор ва модарони кӯдакони синни бармаҳал
- Истифодаи лаҳҷаҳои маҳаллӣ ва шаклҳое, ки бо фарҳанги маҳаллӣ мувофиқанд, бо роҳҳои муайян барои аҳолии шаҳрӣ ва деҳот.

2. Тағйироти рафттори аз далелҳо асосгирифта: Тадқиқоти рафтор ва амалҳо ва даавраҳои эродгирӣ

- Гузаронидани пурсишҳои ибтидоӣ ва солонаи пеш/пас аз арзёбии дониш, рафтор ва амалҳо дар ҷомеаҳо, муассисаҳои сатҳи кумаки аввалияи тиббии санитари, мактабҳо ва байни гурӯҳҳои касбӣ;
- Тавсиф намудани намунаҳо ва рафторҳои истифодаи доруҳои зиддимикробӣ, инчунин миқдорӣ арзёбӣ намудани истеъмоли умумии антибиотикҳо дар хоҷагиҳои калони паррандапарварӣ ва чорводории ширӣ бо мақсади дастгирии

таҳияи заминаи миллии мониторинг ва ҳисоботдиҳии истифодаи доруҳои зиддимикробӣ дар соҳаи чорводорӣ;

- Истифодаи натиҷаҳои тадқиқоти рафтор ва амалҳо барои:
  - Мутобиққунии стратегияҳои миллии иртиботии муқовимати зиддимикробӣ;
  - Мутобиқгардонии паёмҳои Ҳафтаи ҷаҳонии огоҳӣ оид ба дуруст истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ;
  - Такмили барномаи таълимӣ барои мутахассисони тандурустӣ ва байторӣ;
  - Роҳнамоии тақсимоти захираҳо ва мудохилаҳои ҷомеавӣ.
- Ташкили семинарҳои солонаи машваратӣ бо иштироки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти байторӣ, созмонҳои ҷамъиятии шарҳвандӣ ва роҳбарони ҷомеа барои тарҷумаи натиҷаҳои тадқиқоти рафтор ва амалҳо ба такмилдиҳии сиёсати давлатӣ ва барномаҳо.

3. Таҳсилоти пеш аз ва баъдидипломӣ ва маҷмӯи омӯзгорон

- Ҳамгиро намудани модулҳои стандартии муқовимати зиддимикробӣ/истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ, пешгири ва назорати сироят, беҳдошт ва идоракунии партовҳо ба ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти тиббӣ, ҳамширагӣ, дорусозӣ, тандурустии ҷамъиятӣ, байторӣ ва озмоишгоҳӣ;
- Ташкили ҳайати миллии омӯзгорони асосии муқовимати зиддимикробӣ/пешгири ва назорати сироят, бо таъмин кардани:
  - Пешрафӣ дар асоси салоҳият (заминавӣ → миёна → пешрафта),
  - Курсҳои такрорӣи мунтазам ҳар 2 сол,
  - Сертификатсия бо равандҳои аккредитасия барои беморхонаҳо, дорухонаҳо ва муассисаҳои байторӣ.
- Омӯзонидани кормандони сатҳи кумаки аввалияи тиббии санитарӣ, ихтиёриёни тандурустии деҳот, шабакаҳои кормандони занонаи соҳаи тандурустӣ, омӯзгорон ва роҳбарони ҷомеа барои расонидани паёмҳои тағйири рафтор дар сатҳи маҳаллӣ.

**4. Ҳамкори бо ҷомеа ва тағйири рафтор дар сатҳи кумаки аввалияи тиббии санитарӣ**

- Истифодаи марказҳои сатҳи кумаки аввалияи тиббии санитари, муассисаҳои тандурустии деҳот, ихтиёриёни ҷомеа, шӯроҳои занон, роҳбарони динӣ ва шабакаҳои ҷавонон барои паҳн намудани паёмҳои мутобиқшуда оид ба:
  - Истифодаи оқилонаи маводҳои зиддимикробӣ;
  - Хатарҳои савдои бидуни дорухат / худмолиҷа;
  - Рафтори беҳдошт ва обтаъминкуни санитария ва беҳдошт;
  - Эмгузаронӣ ва ғизо чун абзори пешгирии муқовимати зиддимикробӣ;
  - Истеҳсоли чорводории озод аз маводҳои зиддимикробӣ.
- Ҷалби мактабҳои саҳроии деҳқонон барои гузаронидани омӯзиши амалӣ оид ба бехатарии биологӣ, беҳдошти хоҷагӣ, эмгузаронӣ, алтернативаҳо ба антибиотикҳо ва идоракунии бехатари пору.

**5. Платформаҳои рақамӣ барои иртиботи муқовимати зиддимикробӣ**

- Таҳияи стратегияи миллии рақамии иртиботи муқовимати зиддимикробӣ бо истифода аз:
    - Ҳушдорҳои SMS барои аҳолии деҳот;
    - Замимаҳои мобилӣ барои кормандони сатҳи кумаки аввалияи тиббии санитари (дастгирии қабули қарор, "далелҳои фаврии" муқовимати зиддимикробӣ);
    - Платформаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, Instagram, Telegram, WhatsApp) барои фарогирии ҷавонон ва маҳалҳои шаҳрӣ;
    - Сомона ва порталҳои миллӣ, ки дар онҳо амаводҳои таълимии муқовимати зиддимикробӣ, роҳнамоҳо ва модулҳои ҳамгиро ҷойгир шудаанд.
- Шарикӣ бо операторони алоқа барои ирсоли оммавии паёмакҳои СМС дар мавсими хуруҷи беморӣ ва Ҳафтаи ҷаҳонии огоҳӣ оид ба дуруст истифодабарии доруҳои зиддимикроби (WAAW).

**Натиҷаҳо**

Огоҳии оммавӣ ва тағйири рафтор

- То соли 2028, ≥70,0% аҳолӣ ва то соли 2030 ≥85,0% аҳолӣ ҳар сол бо паёмҳои муқовимати зиддимикробӣ фаро гирифта мешаванд;
- Пурсишҳои ибтидоӣ ва солонаи тадқиқотҳои рафтор ва амалҳо гузаронида мешаванд, бо ҳамгироии натиҷаҳо ба стратегияҳои миллии иртиботии муқовимати зиддимикробӣ;
- То соли 2030, беҳбуди дониш ва коҳиши рафтори худмуолиҷакунӣ, бар асоси тамоюлҳои тадқиқоти рафтор ва амалҳо, нишон дода мешавад.

Маориф ва омӯзиш

- То соли 2029, 80,0% муассисаҳои тиббӣ, ҳамширагӣ, дорусозӣ, байторӣ ва озмоишгоҳӣ салоҳиятҳои муқовимати зиддимикробӣ/идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ/пешгири ва назорати сироятро дар бар мегиранд;
- То соли 2027, ҳайати миллӣ аз мураббиён таъсис дода мешавад ва то соли 2030 ҳадди ақал 300 мураббии сертификатсияшудаи муқовимати зиддимикробӣ/пешгири ва назорати сироят дар минтақаҳо фаъолият мекунанд;
- То соли 2029, 80,0% беморхонаҳо ва ≥60,0% муассисаҳои сатҳи кумати аввалияи тиббии санитари омӯзишҳои такрории кормандонро мунтазам баргузор мекунанд.

Иртиботи рақамӣ

- То соли 2029, платформаи рақамии миллӣ оид ба муқовимати зиддимикробӣ пурра ба фаъолият оғоз мекунад, бо фарогирии паёмҳои SMS ва барномаҳои мобилӣ барои ≥70,0% ноҳияҳои деҳот то соли 2030;
- То соли 2030, ҳадди ақал 1 миллион ҳамкории рақамӣ (тамошо/клик) дар тамоми шабакаҳои рақамӣ ба қайд гирифта мешавад.

Ҷалби ҷомеа ва соҳаи кишоварзӣ

- То соли 2028, мактабҳои саҳроии деҳқонон оид ба биобехатарӣ ва истеҳсоли беантибиотикӣ дар ҳамаи минтақаҳо ба фаъолият оғоз мекунанд;

- То соли 2030, ≥50,0% деҳқонони омӯзонидашуда беҳбуди амалҳои истифодабарии доруҳои зиддимикробиро нишон медиҳанд (бар асоси пурсишҳои ДРА дар сатҳи хоҷагӣ).

**Пешбар:** ВТҲИА ҶТ, ВМИ ҶТ, КАО, КҲМЗ, ВК ҶТ

## Самти стратегии 6 — Маблағгузорӣ, тадқиқот ва навоварӣ

**Ҳадафи 6.** Ҳифзи иқтидори муқовимати зиддимикробӣ, таъмини маблағгузории дарозмуддат ва тавлиди далелҳо ва навовариҳои мутобиқ ба замина барои пешгирӣ ва назорати самараноки муқовимати зиддимикробӣ.

**Амалҳои калидӣ**

1. Таъсис ва идоракунии Фонди миллии муштараки маблағгузории муқовимати зиддимикробӣ

- Ташкили Фонди миллии муштараки маблағгузории муқовимати зиддимикробӣ барои ҷамъоварии саҳмияҳо аз ҷониби ҳукумат (Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқвории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), донорҳо, ташкилотҳои бисёрҷониба ва шарикони бахши хусусӣ;
- Муайян намудани сохтори идоракунии равшан, ки метавонад дар доираи зорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Секретариати Гурӯҳи кории байнисоҳавии миллӣ ҷойгир карда шавад, бо:
    - Кумитаи роҳбарикунанда (Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқвории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои илмӣ, ва намояндагони донорҳо),
    - Мақомоти идоракунии фонд барои назорати молиявӣ,
    - Меъёрҳои шаффоф барои тақсимоти маблағ ба назорати эпидемиологӣ, пешгири ва назорати сироят, идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ, ва ташаббусҳои озмоишгоҳӣ.
- Муайян намудани доираи маҳдуди ибтидоӣ барои Фонди миллии муштараки маблағгузории дар солҳои 2026–2028 (масалан, назорати эпидемиологӣ ва таҳкими лабораторӣ), бо густариши тадриҷӣ бар асоси иҷроиш ва иқтидор;
- Нашри ҳисоботҳои молиявии солона барои таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳии пурра.

2. Сафарбаркунии захираҳои миллӣ ва моддаҳои махсуси буҷетӣ

- Ҷорӣ кардани моддаҳои махсуси буҷети муқовимати зиддимикробӣ дар буҷетҳои солонаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқвории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- Ҷудо кардани маблағгузории ҳимояшуда барои:
    - Мудохилаҳои пешгири ва назорати сироят (бо захираҳои махсус барои шуъбаҳои дорои сарбории баланд, аз ҷумла ҷарроҳӣ, эҳёгарӣ, таваллуд ва ШЭН/ШЭК);
    - Назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ (инсонӣ, байторӣ, озуқаворӣ ва муҳити зист);
    - Таҷҳизоти лабораторӣ, реактивҳо, Арзёбии берунаи сифат ва нигоҳдорӣ;
    - Татбиқи идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ дар беморхонаҳо ва муассисаҳои сатҳи кумаки аввалияи тиббии санитари;
    - Низомҳои ҳисоботдиҳии байтории истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ ва беҳбуди бехатарии биологии хоҷагиҳо.
- Таҳияи нақшаи марҳилавии арзёбии хароҷот барои мудохилаҳои асосӣ дар солҳои 2026–2030, бо ҳамгироии он ба Стратегияи миллии тандурустӣ ва баррасиҳои солонаи хароҷоти давлатӣ.

3. Тадқиқоти амалиётӣ ва истифодавӣ барои назорати муқовимати зиддимикробӣ

- Дастгирии тадқиқоти афзалиятноки амалиётӣ, аз ҷумла:
    - Тадқиқоти паҳншавии нуқтаги оид ба истифодаи антибиотикҳо ва сироятҳои бо амалияи тиббӣ алоқаманд дар беморхонаҳо;
    - Тадқиқотҳои пасмондаҳои зиддимикробӣ дар маҳсулоти озуқаворӣ ва муҳити зист;
    - Таҳлилҳои самаранокии хароҷот барои бастаҳои идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ ва пешгири ва назорати сироят;
    - Тадқиқотҳо оид ба динамикаи интиқоли муқовимати зиддимикробӣ дар ШЭН/ШЭК ва ҲСМК;
    - Тадқиқоти рафторӣ оид ба истифодаи нодурусти зиддимикробҳо дар ҷомеа;
    - Моделсозии иқтисодӣ оид ба сарбории муқовимати зиддимикробӣ ва талафоти маҳсулнокӣ.
- Ҳамгироии тадқиқот бо баррасиҳои сиёсӣ ва қабули қарорҳои тақсимоти захираҳо барои муқовимати зиддимикробӣ.

4. Муайян кардани Афзалиятҳои миллии тадқиқоти муқовимати зиддимикробӣ

Таҳияи Рӯзномаи миллии тадқиқоти муқовимати зиддимикробӣ, аз ҷумла соҳаҳои афзалиятнок, аз қабили:

1. Ташхис: ташхиси ҳассосияти доруҳои зиддимикробии фаврии камарзиш, таҳлилҳо дар нуқтаи кӯмак, ошкоркунии молекулярӣ.
2. Механизмҳои муқовимат: назорати эпидемиологии ESBL, карбапенемаза (NDM, OXA-48) ва муқовимати колистинӣ.
3. Назорати эпидемиологи тибқи равиши "Солимии ягона": роҳҳои байнисоҳавии муқовимати зиддимикробӣ (хоҷагиҳо-озуқааворӣ-муҳити зист-тандурустӣ).
4. Тадқиқотҳои иқтисодӣ / молиявӣ: арзиши беамалӣ, лоиҳаҳои саармоягузории муқовимати зиддимикробӣ.

5. Навоварӣҳои пешгири ва назорати сироят: васоити ҳифзӣ, технологияҳои безараргардонии муҳити зист, абзори рақамии риояи пешгири ва назорати сироят.
6. Самарабахшии идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ: самарабахшии дастурамалҳои маҳаллии пешгири ва назорати сироят, мониторинги истифодабри мутобиқи таснифоти AWaRe, таҳлили рақамии таъинот.
7. Чораҳои пешбари иқлимӣ ва муҳити зистии муқовимати зиддимикробӣ.

5. Ташаббусҳои инновасионӣ ва ҷалби бахши хусусӣ

- Ифтитоҳи грантҳои инновасионии мақсаднок ё сандуққо барои дастгирии:
    - Стартапҳои маҳаллӣ барои таҳияи ташхисҳо, воситаҳои муайянсозии муқовимати зиддимикробӣ дар оби партовӣ, биосенсорҳо, алтернативаҳои байторӣ (пробиотикҳо, ваксинаҳо) ва воситаҳои мобилии тандурустӣ;
    - Ҳамкориҳои миёни муассисаҳои илмӣ ва саноат барои ҳалли навоваронаи масъалаҳои муқовимати зиддимикробӣ.
- Ворид намудани ҳавасмандгардонии бозорӣ барои дорухонаҳо, клиникаҳои байторӣ ва истеҳсолкунандагон, ки ба меъёрҳои муқовимати зиддимикробӣ риоя мекунанд (масалан, коҳиши ҳаққи иҷозатномадиҳӣ, низомҳои эътироф, хариди афзалиятнок барои истеҳсолкунандагони озод аз антибиотик);
- Баррасии ҳавасмандгардонии молиявӣ барои истеҳсолкунандагони маҳаллӣ бо мақсади татбиқи стандартҳои GMP/GDP ва сармоягузорӣ ба истеҳсоли босифати зиддимикробҳо.

6. Иқтидори тақвият ва навоварӣҳои озмоишгоҳӣ

- Таҷҳизонидан ва аккредитасияи озмоишгоҳҳои референсии муқовимати зиддимикробӣ бо усулҳои пешрафтаи ошкоркуни муқовимати зиддимикробӣ, аз қабили:
    - Масс спектрометрия (MALDI-TOF);
    - Ташхисҳои молекулавӣ (санҷиши муқовимат бо усули ВЗП);
    - Таҳлили боқимондаҳои зиддимикробӣ дар маҳсулоти озуқаворӣ ва об.
- Дастгирии таҳияи усулҳои таҳлилии тасдиқшуда барои муайянсозии маҳсулоти пастсифат ва қалбакӣ ва нишондиҳандаҳои сифатии марбут ба муқовимати зиддимикробӣ;
- Тақвияти иқтидори биостатистикаи лабораторӣ ва идоракунии додаҳо тавассути роҳнамоӣ ва ҳамкорӣ бо лабораторияҳои истинодии байналмилалӣ.

7. Таъсиси шабакаи миллии тадқиқот ва навоварии муқовимати зиддимикробӣ

- Таъсиси Шабакаи миллии бисёрсоҳавии тадқиқот ва навовариҳои муқовимати зиддимикробӣ бо пайваст намудани донишгоҳҳо, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳои тандурустии ҷамъиятӣ, хадамоти байторӣ, ниҳодҳои ҳифзи муҳити зист ва навовариёни бахши хусусӣ;
- Ташкили Симпозиумҳои солонаи тадқиқоти муқовимати зиддимикробӣ барои мубодилаи натиҷаҳо, таҳияи муштараки тадқиқотҳо ва пешбурди ҳамкории байнисоҳавӣ;

- Мусоидат ба ҳамкории минтақавӣ, ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои ҳамсоя барои мубодилаи таҷриба, гузаронидани таҳқиқоти муштарак ва муқаррар кардани меъёрҳои минтақавӣ.

**Натиҷаҳо**

Сафарбаркунии маблағгузорӣ ва захираҳо

- То соли 2027, Фонди миллии муштараки маблағгузории таъсис дода шуда, бо сохтори равшани идоракунӣ, низоми идоракунии маблағҳо ва чаҳорчӯбаи ҳисоботдиҳӣ ба фаъолият оғоз мекунад;
- Аз соли 2027, ≥20,0% афзоиши солонаи маблағгузории дохилӣ барои самтҳои афзалиятноки Фонди миллии муштараки маблағгузории (назорати эпидемиологӣ, пешгири ва назорати сироят, идоракунии оқилонаи доруҳои зиддимикробӣ, таҳкими лабораторӣ) таъмин карда мешавад;
- То соли 2028, хатҳои буҷавии махсуси муқовимати зиддимикробӣ дар буҷети Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқвории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд.

Тадқиқот ва навоварӣ

- То соли 2030, панҷ ё зиёда тадқиқоти амалӣ оид ба муқовимати зиддимикробӣ/истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ анҷом дода мешаванд;
- То соли 2027, Рӯзномаи миллии тадқиқоти муқовимати зиддимикробӣ ниҳоӣ гардида, ҳар сол бозбинӣ карда мешавад;
- То соли 2028, Шабакаи миллии тадқиқот ва навовариҳои муқовимати зиддимикробӣ ба фаъолият оғоз мекунад;
- То соли 2030, ҳадди ақал се лоиҳаи навоварӣ (ташхисҳо, воситаҳои рақамӣ, назорати эпидемиологии оби партов, алтернативаҳои тандурустии ҳайвонот) амалӣ карда мешаванд.

Сифати озмоишгоҳӣ ва таҳияи усулҳо

- То соли 2029, Озмоишгоҳи референсии дар самти муқовимати зиддимикробӣ пурра бо таҷҳизот таъмин ва барои иҷрои назорати сифатии пешрафтаи марбут ба муқовимати зиддимикробӣ аккредитатсия карда мешавад;
- То соли 2030, ҳадди ақал ду усули таҳлилии тасдиқшуда барои муайянсозии муқовимати зиддимикробӣ ва мониторинги маҳсулоти пастсифат/қалбакӣ таҳия карда мешаванд.

Ҷалби бахши хусусӣ

- То соли 2028, механизмҳои ҳавасмандгардонӣ барои дорухонаҳо, клиникаҳои байторӣ ва истеҳсолкунандагони мутобиқ ба меъёрҳо ҷорӣ карда мешаванд;
- То соли 2030, коҳиши намоёни гардиши маҳсулоти пастсифат/қалбакӣ ва беҳбуди риояи амалҳои истифодабарии доруҳои зиддимикробӣ дар бахши хусусӣ собит карда мешавад.

Ҳамгироии сиёсӣ

